# 2023 Соли нав муборак!


# ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо 1992-2022

№52 (1511)
28.12.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷи ~




## ҲАЁТОЙ МУЪМИНОВА: ДАР САНЪАТ Ё АВВАЛ БОШ, Ё НАБОШ!


**СОЛЕ, КИ ГУЗАШТ**
Бурду бохт дар 2022 ва умед аз 2023 с.3

**ДАР 1 РӮЗ 500 НАФАР**
Наздики 200 ҳазор тоҷикистонӣ шаҳрванди Русия шуданд с.5

**ТОП 10**
Варзишгарони беҳтарини сол киҳоянд? с.10

**НАФАҚА ЗИЁД ШУД**
Кӣ як маош кумакпулӣ мегирад? с.15

**JSENG ОНЛАЙН**
Олимҷон ва Таҳмина чӣ гуна дар фазои маҷозӣ забон меомӯзонанд? с.11

**РАҲИМ ҶАЛИЛ**
Чӣ тавр нависанда аз иншо баҳои 2 гирифт? с.6

**ВАРЗИШ**
Дастоварди варзишгарони тоҷик аз Иерусалим с.14

**КАНЗИ ШИФО**
Чӣ бояд кард, ки шаби Соли нав "Ёрии таъҷилӣ" даъват накунем? с.13



**ОТКРОЙТЕ СВОЙ БИЗНЕС В ИНТЕРНЕТ!**

У Вас есть **товар** или **услуга**?
Неважно, какого размера Ваш бизнес!
Вы легко можете продвинуть его и рассказать о себе сотням тысяч потенциальных клиентов.

Звоните и узнайте **КАК**?
Матадор - Партнер Медиа-группы ОИЛА

Matador
ОИЛА

+992 711 22 7777 Сайт **matador.tj** Почта **info@matador.tj**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,**
академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
президенти АИ Тоҷикистон, академик

**Далер ҶУМЪА,**
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,**
профессор

**Шералӣ РИЗОЁН,**
сиёсатшинос

**Абдулмаҷид УСМОНОВ,**
журналист

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

**Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,**
профессор, ҷомеашинос

**Амина ШАРОФИДДИНОВА,**
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

**Фазлиддин АСОЗОДА,**
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Бароӣ дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ РЕКЛАМА:**
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
**44 601-35-95**
**director@tayron.tj**

**ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
**238-78-78, 44 640-99-88**
**ads@rg.tj**

**ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА**
**938-66-82-64, 221-41-11**
**furush@rg.tj**

## ПРОТОКОЛИ НАВИ МАРЗ ИМЗО ШУД

**Дар маркази хизматрасонии «Раъно», воқеъ дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон мулоқоти навбатии гурӯҳҳои кории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид.**

Дар мулоқот фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковник Раҷабалӣ Раҳмоналӣ, фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Қирғизистон генерал-майор Уларбек Шаршеев, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода, намояндаи ваколатдори Президенти Қирғизистон дар вилояти Боткенд Абдикарим Алимбаев, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, раисони шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадӣ иштирок намудаанд.

Дар мулоқот ҷонибҳо рафти таъмини иҷрои протоколҳои қаблан имзошуда, аз ҷумла протоколи рақами 42-ро баррасӣ карда, аз вазъи иҷрои ин ҳуҷҷат изҳори қаноатмандӣ карданд.

Тарафҳо таҳкими муносибатҳои дуҷонибаро амри зарурӣ ҳисобида, таъкид доштаанд, ки минбаъд тамоми масъалаҳои ба миён омада дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ҳал карда мешаванд. Аз тарафи роҳбарони ҳайатҳо протоколи нав ба имзо расонида шудааст.

## ХОНАНДАГОН БА ТАЪТИЛ МЕБАРОЯНДУ ОМӮЗГОРОН НЕ

**Аз 1 то 10-уми январи соли 2023 хонандагони мактабҳои Тоҷикистон ба таътили зимистона мебароянд.**

Бино ба иттилои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, дар ҳамаи мактабҳои кишвар то 31-уми декабр чоряки дуюм ҷамъбаст гардида, хонандагон ба таътили зимистона мебароянд. Оғози дарс рӯзи 11-уми январ пешбинӣ шудааст.

Вазорати маориф ва илм аз волидайн даъват кардааст, ки дар таътили зимистона назорати ҷиддӣ бурда, нагузоранд, ки фарзандонашон бештари вақти худро бо истифодаи телефони мобилӣ ва корҳои беҳуда гузаронанд. Ҳамчунин, волидайн монеи оворагардӣ ва сарфи беҳудаи вақти онҳо дар кӯчаю марказҳои интернетӣ бояд шаванд.

Бино ба гуфтаи Эҳсон Сафарзода, сухангӯи Вазорати маориф ва илм, таътил танҳо ба хонандагон дахл дорад. Омӯзгорон бошанд, дар ин муддат ба корҳои методӣ ва омодагӣ, гузаронидани маҷлисҳои падару модарон, суҳбат бо волидайни хонандагон ва ҷорабиниҳои таълимӣ сафарбар мешаванд.

## ДУ МАҲАЛЛА НОМИ ШАҲИДОНИ ВАТАНРО ГИРИФТ

**Маҳаллаи Фурудгоҳи шаҳри Хоруғ ба номи Олимназар Холиқназаров гузошта шуд.**

Полковник Олимназар Холиқназаров дар натиҷаи низоъҳои ахири марзӣ миёни Тоҷикистону Қирғизистон моҳи сентябри соли равон ба ҳалокат расид. Гуфта мешавад, ба номи Олимназар Холиқназаров гузоштани маҳаллаи Фурудгоҳи шаҳри Хоруғ бо мақсади гиромидошти хотираи неки ин фарзанди далеру шуҷои Ватан аст.

Ин иқдом бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти амнияти миллии Тоҷикистон, бо ташаббус ва қарори Маҷлиси вакилони халқи ҷамоати шаҳраки Шоҳтемуриёни шаҳри Хоруғ аз 27-уми декабри соли 2022 сурат гирифтааст.

Инчунин, дар Исфара яке аз кӯчаҳои маҳаллаи 11-и шаҳр ба номи шаҳиди муноқишаҳои марзӣ, корманди ШВКД-1 ҶТ дар шаҳри Исфара Ҳодихон Султонов гузошта мешавад. Шаҳрдори Исфара Баҳоваддин Баҳодурзода нусхаи қарори мазкурро ба волидайни Ҳодихон супорида, бори дигар аз шуҷоату мардонагии ӯ ёдовар гаштааст.



## ДАЛЕР НАЗАРОВ ДАР РУСИЯ МУХЛИСОНАШРО БА ҲАЙРАТ ОВАРД

**Дар шаҳри Москва консерти ҳунарманди номдори ду аср, маэстро Далер Назаров баргузор шуд.**

Гарчанде рӯзи консерти ин ҳунарманди асил ба нахустин рӯзи ҳафта, ки серкортарин барои мардуми Москва аст, рост омад ва нархи чиптаҳо на он қадар арзон (аз 2500 то 15 ҳазор рубл) буд, вале толор пур аз мухлисон шуд.

Ба гуфтаи шоҳидон, аз дари даромад тамошобинонро духтарони кокулдароз бо тоқиҳои зардӯзии тоҷикӣ пешвоз мегирифтанду то ҷойи нишасташон онҳоро ҳамроҳӣ мекарданд.

Чунин менамуд, ки кас дар Тоҷикистон қарор дорад, вале ҳузури намояндагони миллатҳои гуногун, аз қабили русҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо ва дигарон боз аз пойтахти Русия дарак медод.

Далер Назаров тавонист бори дигар кишварҳои пасошӯравиро якҷо кунад. "Моро ба ин ҷо ишқ овард ва мо барои васл кардан омадаем",-гуфт Далер Назаров.

Дар баробари сурудхонӣ Далер Назаров наю чанг ҳам ба даст мегирифт, ки аз ҷониби мухлисон бо кафкӯбиҳои хос пазирой мешуд. Ҳар як овозхониҳои Далер Назаров мухлисонро ба ваҷд меовард ва таҷҳизоти равшанидиҳанда бо ҷӯр шудан ба ин овозхониҳо ба консерт ҷаззобияти махсус мебахшид.

## САРИ САБЗ



**Ҷӯрабек МУРОДОВ,**
**Ҳунарпешаи халқии СССР**

**- Ин гапи дурӯғ аст, ки баъзеҳо мегӯянд, вақти эҷод намудан нест. Ман барои эҷод ҳамеша вақт пайдо мекунам. То умр дорам, барои халқ суруди нав, оҳанги тоза, сухани ҷадид ва таконидиҳанда меофарам.**

*- Ин гапи дурӯғ нест. Эҷодкорони зиёде ҳастанд, ки воқеан бо сабаби мушкилоти зиндагӣ ба корҳои даромадноки ғайри эҷодӣ машғул гардида, аз эҷод дур мемонанд.*



**Умеда СУФИЕВА,**
**донишҷӯи тоҷики муқими Олмон**

**- Формулаи асосии забономӯзӣ - ин хоҳиш аст. Хоҳиш бошад, омӯхтани дилхоҳ забони хориҷӣ барои инсон осон мегардад ва ҳар вақте мо дар куҷо ва барои чӣ истифода кардани забонеро медонем, онро меомӯзем.**

*- Агар аз рӯи ин формула гап занем, дастури Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ба омӯзгорону хонандагон барои азёд кардани 400 калимаи русиву англисӣ чӣ гуна амалӣ шуда бошад?*



**Иброҳим УСМОНОВ,**
**донишманди тоҷик,**
**профессор**

**- Умед мекунем, ки Институти шарқшиносӣ дар Русия ба номи Бобоҷон Ғафуров гузошта шавад, зеро он кас яке аз асосгузорони илми шарқшиносии ин кишваранд. Ҳоло ин институт ба номи касе нест.**

*- Камтар саросема шудед, устоди азиз. Мемондед ба таври расмӣ пешниҳод мекардем номзадии устод Бобоҷон Ғафуровро, баъд дар ин бора гап мезадед...*



# БУРДУ БОХТ ДАР 2022
## ва умед аз 2023

**Бо соли 2022 пас аз чанд рӯз хайрухуш мекунем ва соли 2023-ро истиқбол мегирем. Маъмулан, ҳар кас як соли ҳаёти гузаштаашро аз ғалбер мегузаронад: чӣ бурд дошту чӣ бохт? Яке афсӯс аз он меҳӯрад, ки як соли умраш барабас рафт, дигаре хушҳолӣ мекунад, ки солро бомуваффақият паси сар кардааст. Дар соҳаҳо низ чунин аст.**

### ИҚТИСОД АСОСИ МУВАФФАҚИЯТ

Мансабдоре, ки соҳаеро пеш мебарад, агар кораш омад карда бошад, табъаш болида аст. Дар маҷлиси Ҳукумат бо рӯйи сурху дили пур мешинад. Аммо вой бар ҳоли курсинишине, ки соҳааш ба ҷойи рушд рукуд кардааст. Бо сад ҳарос менишинад ва шояд аз дил ҳам гузаронад, ки имрӯз охирин рӯзи фаъолияташ асту зери интиқоди Роҳбари давлат қарор мегирад.

Пӯшида нест, ки тамоми муваффақиятҳо аз иқтисод сахт вобастагӣ доранд. Иқтисоди кишвар дар соли 2022 чӣ пешравӣ дошт? Оё қонеъкунанда буд? Албатта, дар ин маврид ҳар кас посухи худро дорад ва аз рӯйи мушоҳида таҳлил мекунад.

### БОЗОРИ АСЪОР: АЗ ВАЗЪИ ВОҚЕӢ ТО ПЕШГӮӢ

Дар соли равон бонкҳо чӣ муваффақият доштанд, ба назар чандон рӯшан нест. Чанде аз бонкҳо фоизи пасти қарз, ипотека, хизматрасониҳои дастрас гуфта, тарғиб мекарданд, аммо шарҳҳо ва назари мардум дар шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин номаҳо ба идораи нашрияи "Тоҷикистон" бозгӯи онанд, ки то ҳол низоми бонкӣ ба ислоҳот ниёз дорад.

Баъди бархам хӯрдани чандин бонк ва сарсонии мардум барои гирифтани маблағи пасандоз, эътимод ба бонкҳо хеле коҳиш ёфтааст. Қарзҳои бонкҳо низ мувофиқ ба ҷайби мардум нест. Аҷиб, агар пасандоз гузоред, 6-10 фоиз, аммо қарз гиред, 30-35 фоиз.

Соли равон қарзҳои имтиёзноку андак фоизи паст дар "Амонатбонк" ба мушоҳида расид. Мизоҷоне, ки ба ин бонк корафтода шудаанд, мегӯянд, ки ҳуҷҷатгузорӣ ва гирифтани фоизи қарз нисбати дигар бонкҳо камтар аст. Аз рӯйи маълумоти мо, фоизи қарзи ин бонк, ки давлатӣ аст, аз 20-24 фоизи солона бештар нест. Албатта, ин ҳам фоизи паст нест, вале барои онҳое, ки сахт эҳтиёҷманд ҳастанд, андак сабукӣ ба ҳисоб меравад. Ҳол он ки, дар бонкҳои дигар меъёри қарз аз 30 фоиз болост.

### СОМОНӢ ДАР РЕЙТИНГИ ҶАҲОНӢ

Имсол пули миллӣ мавқеи устувор доштааст. Сомонӣ дар қатори асъори кишварҳои собиқ шӯравӣ соли 2022 дар радабандиҳои ҷаҳонӣ ҷойи намоёнро гирифт. Тибқи маълумоти "Bloomberg", қурби пули миллии Тоҷикистон (сомонӣ), Гурҷистон ва Арманистон дар баробари доллар болоравии бештарро нишон додаанд. Аз аввали сол драми арманӣ нисбат ба доллар беш аз 22 дарсад афзоиш ёфта, миёни арзҳои ҷаҳонӣ мақоми пешсафро касб кардааст. Нархи лари гурҷӣ ва сомонии тоҷикӣ мутаносибан беш аз 16 ва 10 дарсад боло рафтааст.

Мегӯянд, ки ҳаҷми интиқоли пул дар Тоҷикистон шаш моҳи аввал тақрибан 50 дарсад афзоиш ёфтааст. Аммо иқтисодшинос Нуриддин Қаюмов мегӯяд, ки бинобар таъсири ҷанги Русия бо Украина интиқоли маблағи муҳоҷирон дар соли 2022 назаррас набуд. "Ихтилоф байни Русия ва Украина таъсирашро ба иқтисоди Тоҷикистон низ расонд. Дар аввали сол қурби рубл паст рафт. Баъдан, нархи маҳсулоти ғизоӣ майли болоравӣ касб кард. Интиқоли маблағи муҳоҷирон ҳам кам шуд",- изҳор дошт иқтисодшинос Нуриддин Қаюмов.

Аммо "Bloomberg" дар идомаи радабандӣ менависад, ки «иқтисоди Тоҷикистон, ки дастрасӣ ба баҳр надорад, имкон дод, то дар соли равон 7 дарсад рушд кунад, дар қиёс ба пешгӯиҳои қаблӣ, ки рушди 4-5-дарсадиро пешгӯӣ мекарданд». Яъне, сомонӣ дар сегонаи асъори қурбаш бештар болорафта нисбати доллар қарор гирифт. Қурби рубл нисбати сомонӣ поин рафта, ба сатҳи 9 моҳи пеш расидааст. Тибқи маълумоти хабаргузории "Bloomberg", аз оғози сол қурби драми Арманистон нисбати доллар 22%, лари Гурҷистон 16% ва сомонии Тоҷикистон 10% боло рафт.

PRESSA.TJ

*Қарзҳои бонкҳо низ мувофиқ ба ҷайби мардум нест. Аҷиб, агар пасандоз гузоред, 6-10 фоиз, аммо қарз гиред, 30-35 фоиз.*

Наталя Лаврова, мутахассиси гурӯҳи молиявии БКС изҳор медорад, ки дар нимсолаи аввал ҳаҷми интиқоли маблағ ба Тоҷикистон на камтар аз 50% афзудааст. Ба кишвар омадани шаҳрвандони Русия ба рушди иқтисод мусоидат намуд. Дар ҳамин ҳол, тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, қурби расмии сомонӣ нисбати доллар аз оғози сол 9,7% (аз 11,3 сомонӣ барои 1 доллар дар рӯзи 1-уми январи соли 2022 то 10,2 сомонӣ дар рӯзи 21-уми декабр) боло рафтааст.

Чораёни бекурбшавии доллар нисбати сомониро мутахассисони маҳаллӣ на ба вуруди зиёди шаҳрвандони Русия ба Тоҷикистон, балки аз доллар ба рубл гузаштани савдои воридкунандагони маҳсулот аз Русия баъди ҷорӣ шудани таҳримҳо алайҳи ин кишвар аз ҷониби кишварҳои Ғарб иртибот медиҳанд.

Ҳоло ҳудуди аз се як ҳиссаи молу маҳсулот ба Тоҷикистон аз Русия оварда мешавад. Пештар хариду фурӯши маҳсулот байни кишварҳо бо доллар анҷом дода мешуд ва аз моҳи апрел бо рубл сурат мегирад. Қурби ин ё он асъор низ дар навбати аввал аз рӯи талабот ба он муайян карда мешавад. Дар ҳамин ҳол, бино ба маълумоти Агентии омори Тоҷикистон, дар зарфи 11 моҳи соли ҷорӣ ба Тоҷикистон ба маблағи 4,7 млрд доллар молу маҳсулот ворид карда шудааст. Ҳиссаи воридот аз Русия 30% (зиёда аз 1,4 млрд доллар)-ро ташкил медиҳад.

### БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ ДАР ЧӢ ҲОЛ?

Яке аз нишондиҳандаҳои пешрафти иқтисод бозори истеъмолӣ низ ҳаст. Дар соли равон ба мушоҳида расид, ки нархи маҳсулоти ғизоӣ дар бозорҳои Тоҷикистон калаванда буд. Яке онро ба қимати сӯзишворӣ рабт медоду дигаре камчинӣ ё воридот. Махсусан, якбора гарон шудани нархи тухми мурғ нигарониро ба миён овард. Касе интизор надошт, ки қимати як қуттии тухм аз 45 сомонӣ ҳам мегузарад. Ҳол он ки, пеш аз ин як қуттӣ тухм аз 35 сомонӣ боло набуд.

Ба андешаи иқтисодшинос Нуриддин Қаюмов, Ҳукумати кишвар нархи 16 намуд маҳсулотро муайян кардааст, ки бояд мақомоти марбута назорат кунанд. "Аммо нархи маҳсулот гарон аст ва на ҳама имкони харид доранд. Маошу нафақа 15-20 фоиз зиёд мешавад, баробари таъсир ба нархи маҳсулот мерасад. Яъне, назорати ҷиддӣ нест",- изҳори нигаронӣ кард номбурда. Вале ба назар мерасад, ки дар мавриди паст кардани нархи маҳсулот ва дигар намуди хизматрасонӣ то он даме, ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон масъулинро ба ҷунбиш наоранд ва ҳушдор надиҳанд, парвое надоранд. Вақте ки Президенти мамлакат дар ростои болоравии нархи маҳсулот ва ё дигар мушкилот ба изтироб оянд, баъд дар пӯстини масъуле кайк медароянд.

Бо умеди фаровонӣ дар бозор ва рушди иқтисоди Тоҷикистон!

Соли нави 2023 муборак!

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## КОХИ АЛОВИДДИН

**Кохи фарҳанг ва маркази иттилоотии шаҳри Бохтар ба номи Аловиддин Абдуллозода, Ҳунарпешаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ карда шуд.**

Бо қарори иҷлосияи 13-уми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Бохтар даъвати шашум Кохи фарҳанг ва маркази иттилоотии шаҳри Бохтар ба номи Аловуддин Абдуллозода, Ҳунарпешаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ шуд. Аловиддин Абдуллозода 17-уми феврали соли 2022 дар шаҳри Бохтар даргузашт. Ӯ то вафоташ сардори Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон буд.



Аловиддин Абдуллозода миёни дӯстдорони ҳаҷв ва кино шуҳрати зиёд дошт. Ӯ дар даҳҳо филмҳои ҳунарӣ ва намоишномаҳои театрӣ нақш офарида буд.

## НАФАҚАЮ МАОШ ЗИЁД МЕШАВАД. АЗ КӢ ЧАНД ФОИЗ?

**Президенти Тоҷикистон барои беҳбуди вазъи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод кард, ки аз соли оянда маошу нафақа ва стипендия зиёд карда шаванд. Пешниҳоди Президенти кишвар дар Паёми имсола ироа шуд.**

Ҳамин тавр, аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунанди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 25% зиёд карда мешавад.

Ин нуктаро раисҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба парлумон баён дошта, афзуд, ки музди дигар кормандони ин мақомот 20% зиёд мегардад.

Бар асоси пешниҳоди президент, аз 1-уми июли соли 2023 музди кормандони маориф, илм, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20% афзоиш меёбад.

Инчунин, аз моҳи июл андозаи нафақаи заминавӣ 20%, нафақаҳои суғуртавӣ ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16% индексатсия зиёд карда мешаванд.

Гуфта шуд, ки дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20% аз меъёри нафақаи заминавӣ афзоиш меёбанд.

## Директори ТУТ:

# КЕЛИНИ ТОҶИК МЕХОҲАМ...

**Бо Тедрос Гебреисус ман дар фурудгоҳи Алмаато, вақте ки ӯ аз Қарағанда бармегашту ба Женева сафар дошт, тасодуфан вохӯрдам.**



Ҳарчанд африқоиҳоро мо аз ҳамдигарашон кам фарқ мекунем, вале аз рӯи аксҳои ӯ зуд фаҳмидам, ки ин мард гарчанде колои қазоқӣ дар бар дошт, маҳз ҳамон Директори генералии ТУТ (Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ) мебошад. Фурсатро аз даст надода, хостам бо ӯ суҳбате анҷом диҳам, аммо ҳамроҳонаш (шояд ҷондоронаш бошанд) нагузоштанд наздик шавам. Ман ҳам пофишорӣ карда, ба ӯ расидан мехостам, аммо...

Ин дам пулиси фурудгоҳ ба кумаки муҳофизони Тедрос расид. Дидам, ки намешавад, ба тамоми овоз ба забони тоҷикӣ дод задам: "Рафиқ Тедрос, ба саломатии ман зарар расонидан мехоҳанд...". Тедрос, ки ба самти баромадгоҳ равон буд, ин садои баланд ва ин лафзи ношиносро шунида, ба қафо нигарист ва маро дида, як лаҳза дар ҷояш истоду баъд баргашта ба мо наздик шуда, гиребони маро аз чанги пулис халос карда истода, бодиққат ба рӯям нигаристу бо англисӣ пурсид:

- Aren't you the same person who interviewed George W. Bush and Xi Jinping?

Дар ҷавоб хурсандона:

- Yes, yes. This is me..." гуфтаму бо ҳамин луғати англисидониам ба охир расид. Ба ӯ бо чанд забоне, ки аз ҳар кадомаш чанд калима медонистам, фаҳмонидам, ки мехоҳам бо вай мусоҳиба анҷом диҳам. Директори генералӣ як ба соаташ нигаристу баъд маро ҳамроҳ ба VIP-зали фурудгоҳ даровард ва ба тарҷумони русидонаш гуфт, ки мехоҳад барои 15 дақиқа бо ин мухбир суҳбат кунад. "Как никак, он из стране который один из первых победил над коронавирусом..." гуфт аз забони ӯ тарҷумон ва мо як суҳбати кӯтоҳи сарироҳӣ кардем, ки ҳоло дар зер онро мехонед.

**- Салом акаи Тедрос. Аввалан, мехостам шуморо бо Соли нав ва баъд бо таваллуди набераатон Кай аз номи хонандагони ҳафтаномаамон табрик кунам...**

- Ташаккур. Ман гоҳ-гоҳ "Тоҷикистон"-ро варақ мезанам. Газетаи барои мардум даркорӣ...

**- Раҳмат, аммо чаро танҳо варақ мезанеду намехонед?**

- Охир ман тоҷикиро намедонам...

**- Худатон ку аз африқоиҳои Эфиопия ҳастед, чаро қазоқиро медонеду тоҷикиро не?**

- Айб накунед, охир келинам қазоқ аст, набераи шоири гурӯғлисарои қазоқ Ҷурсин Эрман. Барои он, ки бо набераам Кай гап зада тавонам, маҷбур қазоқиро омӯхтам ва ҳатто бобояш, Ҷурсин-акаро бо забони қазоқӣ дар интернет табрик ҳам кардам.

**- Шояд ба Қазоқистон зуд-зуд сафар кардану ба Тоҷикистон наомаданатон ҳам аз ҳамин сабаб бошад?**

- (Андаке сурх шуда) Э, не-е... Ҳамту, гоҳ-гоҳ роҳгузар мешавем. Ба ҳафтодсолагии Ҷурсун-ака омада натавонистам, ана ҳозир омадаму табрикаш кардам. Ҷудо дия... Аммо ба Тоҷикистон ҳатман меравам. Ин се сабаб дорад. Аввалаш ин ки, кишвари шумо яке аз аввалинҳо шуда, "КОВИД-19"-ро мағлуб кард. Дуюмаш ин ки, Тоҷикистон дар соли 2022 ба қатори кишварҳое ворид гардид, ки беморий вараҷаро (ман мутахассиси ҳамин соҳа ҳастам) пурра аз байн бурд. Ва сеюмаш ин ки, мегӯянд, дар Тоҷикистон беҳтарин арӯсон ҳастанд. Ман бачаи чорумамро зан доданӣ...

**- Оҳо... Шумо чанд фарзанд доред?**

- Алҳол панҷто... Минбаъд шояд зиёдтар шавад.

**- Оилаи тоҷикӣ доштаед ку... Агар боз бачадор ё набередор шавед, номашро чӣ мемонед?**

- Номашро баъд аз Кай албатта Тут мемонам. Яъне ба забони шумо, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ... Тоҷикон мардуми аҷибанд, бинед, ки номи тоҷикии созмони умумиҷаҳониро бо номи як дарахте, ки мевааш, шириниаш ба сад дард, хусусан сулфаю дардҳои дигари шуш даво аст, мувофиқ кардаанд.

**- Мо не, шумо мувофиқ кардаед. Ин дарахт ҳазорон сол боз дар замини мо месабзад ва дар гузашта худ аптекаи бемориҳои шуш будааст. Аммо, ҷаноби Тедрос, гапро ба дигар ҷой набареду ба саволи навбатии ман ҷавоб гӯед, ки кай ба Вазорати тандурустии мо кумаки ҳаматарафа мерасонед?**

- Шумо гӯед, ки ба чӣ ниёз доред?

**- Шукр, мо ҳама чиз дорем. Фақат агар илоҷаш бошад, ҳамин хизматрасонии тиббиро дар деҳоти мо аз ҳисоби ТУТ бепул кунед ва ё маблағгузории давоҳои беморони доимиро аз ҳисоби созмонатон, ки 193 давлат узви он ҳастанд, мисли дигар давлатҳо ба уҳда гиред...**

- Шумо бемориҳоеро аз қабили диабет, фишорбаландӣ, силу боз чанд беморӣ дигари ба ҳамин монандро дар назар доред?

**- Шумо аҳли фаҳмед. Ана дидед, якдигарфаҳмӣ шуда истодааст...**

- Дурусту... Лекин фикр карда дидан лозим...

**- То кай? То замоне, ки барои писаратон арӯси тоҷик пайдо накунед? Дониста монед, ки келини тоҷик кардан мисли келини қазоқ ёфтан осон нест...**

- Чаро?

**- Аввалан, қалини бисёр талаб мекунанд... (ӯ чизе гуфтанӣ шуд, ки ман давом додам). Фаҳмидам, шумо мехоҳед гӯед, ки Қонуни танзим чӣ? Дуруст, аммо ин қонун барои дохилиҳо, аз хориҷиён чӣ қадар "канем" ҳам, касе чизе нахоҳад гуфт. Налогашро медиҳем. Дуюм, гармии имсоларо дида, арӯсони мо метарсанд, ки "Тоҷикистон ҳамин хел бошад, Африқояш чӣ гуна аст?". Сеюмаш... сеюмаш барои келин кардан аввал ТУТ бояд дили вазоратро ёбад ва ваъдаи холӣ надиҳад...**

- Не, ба Худо, ки ба зудӣ. Худо хоҳад, дар соли нави 2023 ва минбаъд...

**- Аҳа... Қазоқҳо "Ал ваъдаю ва дайн" гуфтаанд ва баъд онро арабҳо арабӣ карда истифода бурда истодаанд. Тоҷикон бошанд, бе ҳеҷ тарҷима номи набераатонро ба шумо ёдрас карда мегӯянд, ки бори дигар Солатон нав боду аммо фаромӯш накунед, ки исми набераи нимқазоқу намаафриқоиятон Кай аст... Умедворем, ки дигар "мурдаро монда, ТУТ-хӯрӣ" намекунем ва дархости солинавии мо иҷро мешавад...**

- Ҳатман...

**Мусоҳиб:**
**А. АҲМАДЗОДА**




### МАЪЛУМОТНОМАИ "ТОҶИКИСТОН"

*Тедрос Адан Гебреисус моҳи марти соли 1965 дар оилаи муҳандис ва соҳибхоназан таваллуд шудааст. Соли 1986 Донишгоҳи Асмараро бо ихтисоси биология хатм кардааст. Дар Вазорати тандурустии Эфиопия ба ҳайси лаборант ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз намуда, то ба дараҷаи вазирӣ расидааст. Соли 1992 дараҷаи магистриро дар соҳаи иммунологияи бемориҳои сироятӣ дар Донишгоҳи Лондон ба даст овардааст. Соли 2000-ум дар Донишгоҳи Ноттингем (Британиё) унвони докториро дар соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ гирифтааст. Солҳои 2005-2012 вазири тандурустии Эфиопия, солҳои 2012-2016 вазири корҳои хориҷии Эфиопия буд. Аз соли 2017 дар вазифаи Директори генералии ТУТ (ВОЗ) фаъолият дорад. Оиладор, соҳиби 5 фарзанд аст.*

# ҲАР РӮЗ 500 НАФАР

## Наздики 200 ҳазор тоҷикистонӣ шаҳрванди Русия шуданд



**Мақомоти Русия шумораи шаҳрвандони Тоҷикистонро, ки соли равон шиносномаи Русия гирифтаанд, эълон кард. Аз ин омор бармеояд, ки ҳатто амалиёти махсуси ҳарбӣ дар Украина ва вазъи кунунии Русия натавонистааст мавҷи тоҷикистониёни талабгори шаҳрвандии ин кишварро кам кунад…**

Тибқи иттилои Вазорати корҳои дохилии Русия, дар давоми нуҳ моҳи соли 2022-юм 119 ҳазору 605 шаҳрванди Тоҷикистон шаҳрвандии Русияро гирифтаанд. Тибқи иттилои манбаъ, ҳар рӯз ба ҳисоби миёна ҳудуди 500 нафар ва ҳар се моҳ 45,5 ҳазор тоҷикистонӣ шаҳрвандии Русияро ба даст меоранд. “Теъдоди хоҳишмандони гирифтани шаҳрвандии Русия дар Тоҷикистон афзоиш ёфтааст”,- менависад ин манбаъ.

Соли гузашта 103 ҳазор зодаи Тоҷикистон шаҳрвандии Русияро ба даст оварда буданд. Яъне ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 288 зодаи Тоҷикистон шиносномаи Русияро мегирифтанд.

Тавре аз ин омор бармеояд, амалиёти махсуси низомии Русия дар қаламрави Украина, басиҷи низомӣ ва вазъи номаълуми ин кишвар ҳам натавонистааст монеи дархости шаҳрвандӣ намудани тоҷикистониён шавад.

Ёдовар мешавем, ки соли равон наздики 400 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ мақоми шаҳрвандии Русияро дарёфт кардаанд, ки бештарашон шаҳрвандони Украина ҳастанд. Тоҷикистон дар ин рада мақоми дуюмро гирифтааст. Барои муқоиса, бо вуҷуди он ки шумораи муҳоҷирони ӯзбек дар Русия аз тоҷикҳо хеле бештар аст, аз аввали сол ҳамагӣ 19 ҳазор зодаи Ӯзбекистон, яъне 100 ҳазор нафар камтар аз тоҷикҳо шаҳрвандии Русияро гирифтаанд. Шумораи шаҳрвандони нави Русия аз ҳисоби зодагони Қирғизистон 16 ҳазор, аз Озарбойҷон 17 ҳазор, аз ҳисоби зодагони Қазоқистон 31 ҳазор ва аз ҳисоби арманиҳо 32 ҳазор бештар шудааст.

“Бо назардошти он ки боз 162 ҳазор тоҷики дигар дар Русия ҳақи иқомати доимӣ ё муваққатӣ (РВП ва ВНЖ) доранд (аз ин шумора 114 ҳазор имсол ин ҳақро ба даст овардаанд), метавон гуфт, ки тоҷикҳо дар дарёфти шаҳрвандии Русия дар солҳои наздик ҳамчунон дар сафи пеш боқӣ хоҳанд монд”,- менависад манбаъ.

Бино ба ҳисобҳо, аз соли 2000 ба ин тараф аллакай қариб як миллион нафар аз зодагони Тоҷикистон, аксаран бо ҷамъи хонаводаҳояшон шаҳрвандии Русияро ба даст овардаанд.

Мақомоти Тоҷикистон ва коршиносон ҳиҷрати мардумро ба раванди ҷаҳонишавӣ рабт медиҳанд ва мегӯянд, ки дар шароити дунёи муосир қариб ягон кишвар аз ин раванд берун намондааст.

**Д. ҚОДИРПУР**

**ОМОРИ ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН, КИ ДАР 7 СОЛИ ОХИР МАҚОМИ ШАҲРВАНДИИ РУСИЯРО ГИРИФТААНД:**




**АЗ ЯНВАР ТО СЕНТЯБРИ 2022 - 119 ҲАЗОРУ 609 НАФАР**

# БУҶЕТ - 2023

## Аз нақша то хароҷот. Кадом соҳа чӣ қадар аст?

**Вакилони парлумон лоиҳаи Қонун «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023»-ро қабул карданд. Гуфта мешавад, ки Буҷети давлатии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат ба амалӣ намудани афзалияти стратегии муҳими давлатӣ, аз ҷумла раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини бехатарии давлат ва саноатикунонии босуръат равона гардидааст.**

**ХАРОҶОТ БА СОҲАҲО:**



# РАҲИМ ҶАЛИЛ

*чӣ тавр аз иншо баҳои 2 гирифт?*



**Намедонам то чӣ андоза ин қисса дуруст бошад, аммо бисёр мехоҳам онро барои хонандагон бинависам. Шояд аз ҷумлаи адибони калонсоламон касоне бошанд, ки онро шунидаанд.**

Устод Раҳим Ҷалилро ба мукофоте пешниҳод менамоянд, аммо аз хукумат ба ин далел, ки ин шахс таҳсилоти олӣ надорад, хуҷҷатҳояшро пас мегардонанд. Устод Турсунзода ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки ба шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи Ленинобод дохил шавад. Раҳим Ҷалил роҳбарияти донишкадаро огоҳ накарда, хуҷҷат месупорад ва ба имтиҳони аввал - иншо ҳозир мешавад. Имтиҳонро муаллими ҷавоне мегирад, ки боре ҳам устодро надида будааст. Мавзӯи иншо "Романи "Пӯлод ва Гулрӯ"-и Раҳим Ҷалил" будааст. Устод аз рӯи одат, иншоро ба хати форсӣ навишта, баъд зӯр зада, ба хати кириллӣ тозанавис мекунад, аммо вақт ба охир мерасаду баргардон нотамом мемонад. Муаллим ба Раҳим Ҷалил мегӯяд:

- Ҳӯ, марди сиёҳак, иншоро супор, вақт тамом!

Раҳим Ҷалил ноилоҷ коғазҳояшро ба муаллим месупораду меравад. Ду рӯз пас барои фаҳмидани натиҷаи имтиҳон ба донишкада омада, мебинад, ки дар лавҳа чунин навиштаанд: "Ҷалилов Раҳим - 2".

Устод маъюс шуда, ба хона бармегардад, ки устод Турсунзода занг мезанад ва натиҷаи имтиҳонро мепурсад. Раҳим Ҷалил мегӯяд, ки баҳои 2 гирифта, аз имтиҳон афтодааст. Устод Турсунзода, вақте мефаҳмад, ки мавзӯи иншо романи худи ӯ будааст, аз ҳайрат чӣ гуфтанашро надониста, ба ректори донишкада занг зада, вазъиятро мефаҳмонад.

Ректор ҳеҷ бовар накардааст, ки Раҳим Ҷалил барин нависандаи машҳур ӯро огоҳ нанамуда, ба донишгоҳ хуҷҷат супорида бошаду ноомади корро бинед, боз баҳои ду гирифтааст ва он ҳам аз романи худаш!

Дарзамон муаллими имтиҳонгирро даъват карда, мепурсад, ки ҷаро ба Раҳим Ҷалил баҳои 2 гузоштааст. Муаллим мегӯяд, ки наход Раҳим Ҷалил барин нависандаи муътабар абитуриент шавад? Вале як мардаки сиёҳаки назарногир бо номи Ҷалилов Раҳим буд, ки аз уҳдаи навиштани иншо набаромада, онро бо хати баду номукаммал ба дастам супорид. Ман ҳам ба ӯ 2 гузоштам!

Вақте муаллим мефаҳмад, ки ӯ аз худи Раҳим Ҷалил дар мавзӯи романи машҳури ӯ иншо гирифта, барояш баҳои бад гузоштааст, аз тарс қариб дилкаф мешавад.

Рӯзи дигар ректор ба назди устод рафта, узрхоҳии бисёр мекунад ва имтиҳон супоридани вайро таҳти назорати худаш мегирад.

**Ато МИРХОҶА,**
**адиб**

# «ВОРАСТАГОН»

*Нашрияи нав дар факултаи журналистика*


На озодӣ, на побаста,
Фақат бо рӯҳи вораста.
ҲАШНОМА
ВОРАСТАГОН
НАШРИЯИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ 4-УМИ ИХТИСОСИ РӮЗНОМАНИГОРИИ ФАКУЛТАИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ДМТ
фарОВАРД
Ё САВҒО БА 30-СОЛАГӢ
Дар ин шумора:
НИГОҲЕ БА ДИРӮЗУ ИМРӮЗ... Саҳ.2

**Ба ифтихори 30-солагии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гуруҳи донишҷӯёни курси 4-уми ин даргоҳ рӯзномаи "Ворастагон"-ро ба нашр расониданд.**

Нашрия дар 8 саҳифа бо матолиби хубу ҷолиб таҳия гардидааст. "Ворастагон" маънои раҳоёфтагон, озодагон, растагорон дорад, ки шиораш "На озодӣ, на побаста, фақат бо руҳи вораста" мебошад. Дар саҳифаҳои ин нашрия асосан аз ҳаёти имрӯзаи донишҷӯён, таҳсили чорсола, дастоварду муваффақиятҳои ин гуруҳ гуфта шудааст.

Рӯзнома нахустнашри худро ба ҷашни 30-солагии факултет бахшида, дар суҳбат бо профессор Иброҳим Усмонов аз таърихи таъсиси факултет ёдоварӣ кардааст. Дар матолиби дигар аз имрӯзу фардои факулта, заҳмати устодон дар тарбияи донишҷӯён ва нақши факултет дар тарбияи кадрҳои журналистӣ сухан меравад.

**У. СУМАН,**
**донишҷӯ**

# ДАСТОВАРДИ ҶАҲОНИИ ОЛИМ ВА ШОИРИ ТОҶИК

**Асари шоир ва муҳаққиқи тоҷик Нуралӣ Нурзод "Аз Сада то Наврӯз" дар Фестивали XI байналмилалии адабӣ ва озмуни «Open Eurasian Book Forum & Literature Festival» дар номинаи «Асари академӣ» сазовори мақоми 3-юм гардид. Дар ин бора созмондиҳандагони фестивал хабар медиҳанд.**

Фестивали байналмилалии адабии «Авруосиёи кушода» аз 10 то 16-уми декабр дар шаҳри Мелбурн (Австралия) аз ҷониби Иттиҳодияи эҷодии Авруосиё (Лондон) баргузор шуд, ки дар он махсули эҷоди нависандагон, шоирон, пажуҳишгарон ва ашхоси эҷодкор муаррифӣ гардид. Аз ҷумла дар ин фестивал асари Нуралӣ Нурзод "Аз Сада то Наврӯз" муаррифӣ шуд ва дар номаинаи "Кори академӣ" мақоми сеюм ва ҷоизаи фестивалро ба даст овард.



Дар доираи фестивали адабӣ ба ғуз аз маросими ҷоизасупорӣ ва тақдими ҷоизаҳо китобҳои нависанда ва адабиётшиноси тоҷик Гулсифат Шаҳидӣ «Ҳамсояҳо» ва «Саргузаштҳои бибии Гулсифат» низ муаррифӣ шуданд.

Фестивали байналмилалии «Open Eurasian Book Forum & Literature Festival» ташкилоти ғайритиҷоратии байналмилалӣ буда, дар тамоми фазои Авруосиё адабиёт ва эҷодкориро тарғиб ва таблиғ мекунад. Соли равон дар доираи ин фестивал дар маҷмуъ 500 дархост аз 50 кишвари ҷаҳон пешниҳод гардид, ки 3-тои он аз Тоҷикистон буд.

Ёдовар мешавем, ки Нуралӣ Нурзод, доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, шоир ва узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

# ҲАЗЛИ ҲАМҚАЛАМ



**Ба нависанда, драматург Ато Ҳамдам**

*Бо асои пирӣ мемонам қадам,*
*Бо асои пирӣ меронам қалам.*
*То нагӯяндам Атои мӯсафед,*
*Аз ҷавонон заррае будаст кам.*

**Ба Салими Зарафшонфар**



*Дар соли наваш чунин таманно дорем:*
*- "Сад барг"-и ғазал кош дусад барг шавад.*



**Ба Парда Ҳабиб**

*Ту Парда Ҳабибию ҳабиби мардум,*
*Бовар накунӣ, қасам ба нони гандум.*
*То хат назанӣ сатри равонам аз шавқ,*
*Эй ҷӯраи ҷон, гирди сарут мегардум.*

**Ба ҳаҷвнигор Саидаҳмади Зардон**



*Сухан бо ширааш зебою гиро,*
*Ва лутфаш мебарад дарди сари мо.*
*Навис ҳаҷве, ки хандему бихандем,*
*Нахорида ба нохун мо кафи по.*

**Иззатбек ИДИЗОДА**



# БОБОҲОИ БАРФИИ САЙЁРА

**Аксари халқу миллатҳои ҷаҳон қаҳрамони Соли нав - Бобои барфии худро доранд. Ҳарчанд ин қаҳрамонҳо номҳои гуногун доранд, аммо ҳадафашон як аст: хотирмон гуселонидани соли куҳан ва истиқболи самимӣ аз Соли нав.**

Инак, шинос мешавем:

- Дар Гурҷистон - Тавлис Бабуа;
- Русия - Дед Мороз;
- Дания - Юлетомте (Юлеманден) ё Святой Николас;
- Амрико, Канада, Австралия, Аврупои Ғарбӣ - Санта Клаус;
- Фаронса - Святой Шаланд, Пэр - Ноэл;
- Финландия - Йоллупукки;
- Эстония - Йиулуван;
- Ҳолланд - Сайте Каас, Синтер Клаас;
- Арманистон - Каханд Пап, Дзмер Папи ё Дед Зима;
- Ӯзбекистон - Қорбобо;
- Белорус - Зюзя;
- Молдовия - Мош Крэчун;
- Хитой - Шох Хин, Шэн Дан Лаожэн;
- Англия, Британияи Кабир - (Father Christmas) - Батюшка Рождество, Фазер Кристмас;
- Швейтсария - Юлитумте, Крисе Крингл Юлниссан, Юл Томтен, Йолотомтен;
- Удмуртистон - Тол Бабай.
- Қазоқистон - Аяз Ата;
- Белгия, Люксембург, Нидерландия - Сандер Клаас;
- Юнон, Кипр - Агиос, Святой Василий;
- Карелия - Паккайнен;
- Славянҳои Ғарбӣ - Святи Микалаус;
- Ёқутистон - Эхээ Диил;
- Италия - Старушка Бефана;
- Ҷопон - Сёгасу, Одзи Сан;
- Муғулистон - Увлин Увгун;
- Колумбия - Папа Паскуал;
- Испания - Папа Нойэл;
- Тотористон - Қиш бабай;
- Кишвари Олтой - Соок Таадак;
- Кишвари баскҳо - Олентсеро;
- Чехия - Дед Микулаш;
- Камбоҷа - Дед Жар;
- Руминия - Мош Джерилэ;
- Австрия - Силвестр;
- Қалмикистон - Зул;
- Озарбойҷон - Шахта Баба;

Аз ҳама машҳуртарин Бобои барфӣ дар ҷаҳон Санта Клаус ва дар кишварҳои ИДМ Дед Мороз - Бобои барфӣ мебошанд.

**Таҳияи ШИРИН**



РУСТАМ
ВАҲҲОБЗОДА

### *Соли нав*

*Мешавад фарҷоми сол оғози соли дигаре,*
*Аз сукуташ сар кашад парвози соли дигаре.*
*Озарафшон* мезанад оташ ба тақвими куҳан,*
*Пок сӯзад хирманашро нози соли дигаре.*
*Ҳар ки бо сад хуни дил то кӯйи мақсад рах набурд,*
*Дилхуш аст аз санъати эъҷози соли дигаре.*
*Лаззате дар кашфи асрори азал бинҳодаанд,*
*Нест огаҳ ҳеч кас аз рози соли дигаре.*
*Гарчи нолон аст халқ аз бевафоиҳои умр,*
*Худ шавад дар як нафас анбози соли дигаре.*
*Тарк мекард одамӣ кохи вуҷуди хешро,*
*Гар намешуд тоза аз пардози соли дигаре.*
*Эй муғаннӣ, ҳофизи ганҷури асрори куҳан,*
*Тоза соз оҳанги худ бо сози соли дигаре.*

***Озарафшон - фейерверк.**



АҲЛИДДИНИ
ҲИСОРӢ

### *Соли нав, ёрон, муборак бод!*

*То дилам аз рафта огаҳ шуд,*
*Рӯз ҳам бигзашу бегаҳ шуд.*
*Сол рафту соли нав омад,*
*Умри мо як сол кӯтаҳ шуд,*
*Ҳоли нав, ёрон, муборак бод,*
*Соли нав, ёрон, муборак бод!*

*Интизорӣ чун зи ҳад бигзашт,*
*Гусса шукри беадад бигзашт.*
*Соли нав бо фоли нав омад,*
*Ҳар чи буд аз неку бад бигзашт.*
*Ҳоли нав, ёрон, муборак бод,*
*Соли нав, ёрон, муборак бод!*

*Дарду ғам аз сина берун бод,*
*Қалбҳо гулбору гулгун бод.*
*Ҳоли нав, ёрон, муборак бод,*
*Соли нав, ёрон, муборак бод!*



МИРЗО
РУСТАМЗОДА

### *Соли харгӯш*

*Дар чанд нуқоти даҳр ҷангу ҷӯш аст,*
*Авзои ҷаҳон беҳади бад мағшуш аст.*
*Дунё ҳама аз дасти шағолон вайрон,*
*Дар ларза башар ба гунаи харгӯш аст.*
*Осоишу хуррамӣ ҳама рафта зи даст,*
*Даврею замон ба дасти одамкуш аст.*
*З-аҳволи бади мардуми дар ҳолати зор,*
*Як кунҷи дилам сиёҳу мотампӯш аст.*
*Аз мучали Харгӯш умед аст зиёд,*
*Бофаҳму фаросат асту бас боҳуш аст.*
*Як хислати хоидану кофтан дорад,*
*Монанд дар ин самт каме бо муш аст.*
*Боқӣ, безиёну ҷонвари беозор,*
*Сабзӣ ба ниҳоят аз барояш хуш аст.*
*Ҳам аҳлаку чаққонаку бобаракат,*
*Оромаку ботамкинаку хомӯш аст.*
*Алқисса, ки хосияти хубе дорад,*
*Дар пеш фақат шодию базму нӯш аст.*
*Бошад ба ҳама муборако Соли нав,*
*Дар Соли ҷадид раисӣ аз Харгӯш аст.*
*Дастон ба дуо барои сулҳ, эй мардум,*
*Обод ҷаҳон ба дӯстию оғӯш аст.*



# ПАЙКИ СОЛИ НАВ

## Оғози тантанаҳо дар Тоҷикистон

**Ҳамасола дар Тоҷикистон Соли нави мелодиро бо тантана ҷашн мегиранд. Имсол ҳам аллакай шуруъ аз 1-уми декабр дар Тоҷикистон аз рӯйи анъана дар марказҳои шаҳрҳо арчаи солинавӣ қомат афрохт. Чун ҳарсола дар Душанбе ва Хуҷанд омодагиҳо барои бошукуҳ ҷашн гирифтани Соли нави мелодӣ идома дорад.**

### АРЧАИ 20-МЕТРА ДАР ХУҶАНД

Шуруъ аз 5-уми декабр аллакай тантанаҳои солинавӣ ва насби арчаҳои солинавӣ дар шаҳри Хуҷанд оғоз шуд. Имсол ҳам чун ҳарсола арчаи солинавии шаҳри Хуҷанд бо як шукуҳу шаҳомат дар майдони асосии муҷассамаи Камоли Хуҷандӣ, дар кӯчаи Исмоили Сомонӣ қомат афрохт. Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳрдори Хуҷанд ин арчаи солинавӣ қомат афрохтааст. Баландии арчаи солинавии имсола дар шаҳри Хуҷанд 20 метрро дар бар мегирад ва бараш 9 метр аст, ки он бо гулчанбарҳо, бозичаҳои солинавӣ ва чароғҳои равшан оро дода шудааст. Дар назар аст, ки ҳар шом дар ин майдон базми солинавӣ ва консертҳо баргузор гардад.

### АРЧАИ СОЛИНАВИИ ДУШАНБЕ

Имрӯзҳо намои шаҳри Душанбе дигаргуна аст. Ҳамагон барои ҷашн гирифтани Соли нави мелодӣ омодагӣ мебинанд. Ҳама аз арчаи солинавии имсолаи пойтахт сухан мегӯянд. Ҳар сол чун анъана арчаи солинавии Душанбе дар markази шаҳр, дар майдони Исмоили Сомонӣ қомат меафрохт. Соли гузашта арчаи солинавии пойтахт, ки дар маркази шаҳр қомат афрохта буд, 30 метр баландӣ дошту паҳноияш 6,5 метр буд. Вале имсол арчаи солинавии пойтахт дар майдони “Истиқлол”-и пойтахт қомат афрохтааст. Арчаи солинавии имсола 31 метр дарозӣ дошта, 17 метр паҳнояш аст. Баҳри фароғат ва тамошои хуши сокинон арча дар майдони “Истиқлол” бо бозичаҳои гуногун оро дода шудааст. Воқеан, ин намои идонаи арчаи солинавӣ дигаргуна аст. Ҳама бо хушнудӣ саргарми тамошои намои идонаи “Истиқлол” ҳастанд. Арча бо чароғакҳои рангоранг оро дода шуда, воқеан афсонавӣ менамояд.

Воқеан, арчаҳои солинавии пойтахт намои дигаргуна доранд. Соли 2019 арчаи солинавии пойтахт бо 6 ҳазор бозича ва 85 ҳазор ороиш майдони Исмоили Сомонии пойтахтро зеб дода буд. Ин арча 29 метр дарозӣ дошт ва ба даҳгонаи беҳтарин арчаҳои солинавии ИДМ дохил гардида буд.

Дар майдони “Истиқлол” назди арчаҳои солинавӣ 20 хоначаи чӯбин қомат афрохтаанд. Арчаи солинавии имсола ягона рамзи соли нави имсола нест, балки хоначаҳои чӯбини ғайриоддӣ, ки дар майдони “Истиқлол” қомат афрохтаанд, намои онро дигаргун кардаанд. Аз ин хоначаҳо мардум ҳар гуна ороишот ва тӯҳфаҳои солинавӣ харидорӣ менамоянд. Бархеи дигар бошанд, шарбату ширинӣ ба даст меоранд.

### АРЧАИ 18-МЕТРА ДАР БОХТАР

Имсол дар шаҳри Бохтар низ чорабиниҳои тантанавии солинавӣ бомаром идома доранд. Дар шаҳри Бохтар - маркази вилояти Хатлон имсол арчаи солинавӣ бо баландии 18 метр ва паҳноии 7 метр қомат афрохтааст. Барои ороиши ин арчаи солинавӣ дар шаҳри Бохтар 40 ҳазор сомонӣ аз буҷети маҳаллӣ ҷудо карда шудааст. Дар атрофи арчаи солинавӣ, ки дар майдони Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар насб шудааст, хоначаҳои ғайриоддӣ ҷойгир шудаанд.

**У. ҚУТБИДДИНЗОДА**



## Ҳаётой Муъминова:

# ДАР САНЪАТ Ё АВВАЛ



**Сарояндаи маъруф, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҳаётой Муъминова 60-сола шуд. Дар арафаи Соли нави мелодӣ бо эшон ҳамсуҳбат шудем.**

### ҚАҲРАМОНИ ЧЕРНОБИЛ

**- Мавлуд ва Соли нави мелодӣ муборакатон бод! Ин ду санаро чӣ гуна пешвоз мегиред?**

- Мавлуд барои ман санад аст, ки онро бошукуҳ таҷлил намекунам. Чун ҳамеша дар иҳотаи оила мегузаронам. Шояд бародаронам барои табрик оянд. Тантанаҳоро дӯст намедорам. Вале дар остонаи Соли нав рухияи ман болида аст. Зеро қабл аз суҳбат бо шумо дар “Ҷамъияти чернобилчиён” будам. Ба ман ва Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Сафаргул Юсупова медали “Қаҳрамони Чернобил” супорида шуд.

**- Воқеан, шумо аз нафароне ҳастед, ки дар рӯзҳои таркиши Чернобил дар он ҷо будед. Мехоҳам дар ин бора муфассал ҳарф занед.**

- Ин як тасодуф буд. Мо дар ҳайати дастаи рубобчизанҳо 23-юми апрели соли 1986 ба сафари ҳунарӣ ба Украина рафтем. Сафари мо аз шаҳри Иванова оғоз шуд (шаҳраки Чернобил дар ноҳияи Ивановкаи вилояти Киев воқеъ аст,- ред.). Дар оғози сафар ҳамагӣ як консерт баргузор кардему субҳи 26-ум хабари садамаро шунидем. Шаҳраки Чернобил ба маҳали зисти мо наздик буд. Мардуми шаҳр ба таҳлука омада буданд. Села-села ҷониби Киев ва дигар шаҳрҳо мегурехтанд. Вале мо 10 рӯз дар он ҷо мондем. Баъдан моро ба шаҳри Лутск бурданд. Ҷавон будем, духтарони 21-22-солаи муҷаррад. Дарк намекардем, ки радиатсияи баланд ба саломатии мо зарар мерасонад. Ҳаво гарм буд, шаҳр ғуборолуд. Бо тайёраҳо рӯйи шаҳр об мерехтанд. Мо духтарон ба кӯча баромада, мисле ки зери борон сайругашт мекунанд, гаштугузор мекардем. Зеро дар замони Шӯравӣ иттилоъ кам буд, касе дар бораи зарари ин фоҷеа ошкор сухан намегуфт. Мо занонеро, ки ашк мерехтанду дарун-дарун месӯхтанд, дида, ҳайрон мешудем.

**- Яъне шумо дарк намекардед, ки истиқомат дар ин маҳал зараровар аст?**

- Бале, намефаҳмидем. Муслимаойтӣ Боқиева, ки дар сафар ҳамроҳи мо буданд, ҷанг мекарданд, ки дар хона шинем. “Ҳоло намефаҳмед, вале ин ба ояндаи шумо зарар мерасонад, аз меҳмонхона набароед” мегуфтанд, лекин мо бепарво будем. Моро ҳамарӯза бо дастгоҳи махсус ташхис мекарданд. Вале худамон дарк накарда, сироят ёфтем. Чанд нафар аз ҳайати дастаи мо зуд-зуд фавтиданд. Афсӯс, ки зарараш ба ҳама расид ва на фақат ба мо. Агар дар оила 3 фарзанд бошад, ҳатман яктояш аз ин сироят бемор аст... Намехоҳам дар ин бора ҳарф занам...

**- Баъдан чӣ гуна ба Тоҷикистон баргаштед? Ва шуморо дар ин ҷо чӣ гуна қабул карданд?**

- Сафари мо аз оғоз 35 рӯз ба нақша гирифта шуда буд, вале баъди 55 рӯз баргаштем. Албатта, пайвандонамон дар ин ҷо хавотир буданд. Роҳбари ансамбл шодравон Маҷнун Баротов, Муслима Боқиева, Эмма Бободӯстова бо Башир Бобоев ба Киев рафтанд, ки бо Тоҷикистон дар тамос шуда, иҷозати бозгашти моро гиранд, вале аз Вазорати маданияти Тоҷикистон ризоят надоданд. Гуфтанд, ки ҳар касе худсарона тарки Украина кунад, аз ҷойи кор ҷавоб медиҳанд. Он солҳо аз кор ронда шудан фоҷеа буд, масалан барои ман ин нанги калон маҳсуб мешуд. Бинобар ин, дар он ҷо мондем.

**- Дар ин 55 рӯз машғули чӣ кор будед?**

- Мо барои бартарафкунандагони фоҷеаи Чернобил барномаи фарҳангӣ нишон додем. Консерти Ансамбли бонувони рубобнавоз рӯзи 1-уми май баргузор шуд. Рӯзи 2-юми май галаконсерт бо ширкати ансамбли мо, Алла Пугачёва, гурӯҳи “Машина времени” ва дигар ҳунармандони маъруф. Рӯзи 3-юм консерти алоҳидаи Алла Пугачёва буд. Маротибаи сеюм аз ҷониби агитгруппаи комсомол ман дар консерти бахшида ба Рӯзи ғалаба низ ширкат кардам. Яъне 3 маротиба бевосита дар Чернобил будам.



*Ансамбли рубобчизанон дар ноҳияи Ивановскийи вилояти Киев. Ҳамагӣ чанд километр дур аз шаҳраки Чернобил. 26-уми апрели соли 1986*

### РОҲИ ҲУНАР

**- Акнун мехоҳем дар бораи санъат суҳбат кунем. Имрӯзҳо роҳи ба санъат ворид шудан осон шудааст, зеро имкониятҳои интернет барои таблиғ фароҳ аст. Роҳи шумо чӣ тавр оғоз шуд?**

- Ман ба санъат тавассути озмунҳо ворид шудам. Дар даврони наврасии ман Фестивали телевизионии ҷумҳуриявии “Бӯстон” баргузор мешуд. Ман дар “Бӯстон-1” муваффақ нашудам, вале дар “Бӯстон 2” лауреат шудам. Соли 1979, вақте хатмкунандаи мактаби миёна будам, Озмуни ҷумҳуриявии сарояндагони театрҳои касбӣ ва халқӣ оғоз шуд. Аз Кӯлоб Давлатманд Холов, аз Файзобод Дӯстмурод Алиев, аз Хуҷанд Каромат Ҳоҷиева, Даврон Алиматов, Асрор Камолиддинов, Парда Қосим аз Панҷ, Давлат Мукимов аз Қӯрғонтеппа, Моҳрухсор аз Комсомолобод, Саодат Умарова аз Панҷ, Шоира Ҳошимоваи қистакӯзӣ аз ноҳияи имрӯзаи Ғафуров ва дигар ҳунармандоне, ки имрӯз ба сатҳи устоди санъат расидаанд, дар он ширкат карданд. Банда ҳам иштирокчӣ будам. Ҳамин тавр, роҳи ман ба санъат боз шуд. Донишҷӯйи Донишкадаи санъат шудам ва 5 сол дар синфи муаллимаи нотакрор, устоди ҳунар Барно Исҳоқова дарс хондам.

**- Шумо шогирди Барно Исҳоқова бошед, чаро сарояндаи “Шашмақом” нашудед?**

- Устод Аслиддин Низомов, ки то имрӯз маслиҳатҳои эшон роҳнамои мост, мегуфтанд, ки “Шашмақом” ҳавасқориро намеписандад. Агар ман шашмақомхон мешудам, шояд имрӯз сарояндаи миёна мебудам. Вале дар санъат ё бояд аввал бошӣ, ё набошӣ. Дар байни ҳама гаштан хислати ман нест. Вақте нав ба донишкада омадам, дар бораи “Шашмақом” тасаввурот надоштам. Вале устод Барно Исҳоқова онро ба дили мо ҷой карданд. Ман шашмақомро дӯст медорам, агар ҳоло ҳам як сол тамрин кунам, аз ягон шашмақомхон кам намехонам, вале сабки сурудҳои халқӣ ба ман наздик аст. Худи муаллима ҳам мегуфтанд, ки “ту сурудҳои халқӣ саро”. Вақте ба ансамбли “Ганҷина” ба кор омадам, устод Зафар Нозимов мегуфтанд, ки “ту вақте сурудҳои халқӣ мехонӣ, калорити овозат дигар мешавад”. Шукр, ки ман иштибоҳ накардам ва дар санъат роҳи худамро пайдо намудам.

### БА ҶАВОНОН ОСОН НЕСТ...

**- Шумо дар солҳои 80-ум зуд машҳур шудед. Чӣ чиз шуморо маҳбуби мардум кард?**

- Албатта, сурудҳои халқӣ. Он замон дар Тоҷикистон ҳунармандони бузург зиёд буданд. Ба саҳна роҳ ёфтан осон набуд. Дар он замон суруд аз чанд элак мегузашт: худсовет - шӯрои бадеӣ, редсовет - шӯрои муҳаррирон, главлит - шӯрои идеологӣ онро мебехт. Дар як сол ҳамагӣ як ё ду суруд сабт мекардем. Ҳоло аз ин ҷиҳат ба ҷавонон осон шудааст. Онҳо озод ҳастанд. Ва озодӣ барои ҳунарманд муҳим аст. Шумо гуфтед, ки имрӯз ҷавонон ба осонӣ вориди майдони санъат мешаванд, вале бовар кунед, барои онҳо ҳам осон нест. Онҳо пулҳои хеле зиёд сарф мекунанд, хангуфт. Барои сабти суруд, сабти клип, маблағҳои зиёд сарф мешавад. Дар замони мо пулсарфкунӣ набуд.

**- Солҳои охир шумо ҳам суруд сабт мекунед, чанд клипатон баромад. Шумо ҳам маблағи калон масраф мекунед?**

- Не. Клипҳои ман натиҷаи заҳмати ҷавонон аст. Имрӯз шогирдони ман мутахассис ҳастанд ва худашон пешниҳод мекунанд, ки барои ман клип ба навор гиранд. Барои ин ман аз ҷавонон розӣ. Хушбахтона, ҷавононе, ки дар соҳаи санъат кор мекунанд, устодонро ҳурмату эҳтиром мекунанд.

**- Имрӯз ҷавононро барои иҷрои сурудҳои каммазмун интиқод мекунанд. Шумо ба ин чӣ назар доред?**

- Ин танқидҳо ҷой доранд. Сабаб дар он аст, ки ҷавонон аз китоб дур ҳастанд, суханро дарк намекунанд. Вале ин бо мурури замон мегузарад. Муҳим, дар ботини ҷавони эҷодкор санъати асил бошад. Санъати асил бо мурури вақт сарояндаро тарбия мекунад. Дигар ин ки, имрӯз дар кишвари мо Консерваторияи миллӣ ва Донишкадаи санъат

# БОШ, Ё НАБОШ!

сароянда тайёр мекунанд. Дар мо ҳатто шуъбаи ғоибона ҳаст ва сарояндаҳои шинохта дар он ҷо таҳсил карда, аз мактаби ҳунарӣ мегузаранд.

**- Бо ғоибона хондан ҳунарманд мактабро мегузарад?**

- Бале. Таърихи санъат, назарияи мусиқӣ, чӯр хонданро меомӯзад.

### ТӮЙ - МАШҚИ САРОЯНДА

**- Аксар вақт мушоҳида мекунем, ки сарояндаҳо ба тӯйҳо бо флешкарта мераванд, вале пулҳои зиёд мегиранд. Шумо ҳам магар дар тӯйҳо фонограмма мехонед?**

- Не, ман зинда суруд мехонам. Мардум фонограмма гуфта, воҳима мекунанд. Вале бисёр ҳунармандон минус мемонанд, яъне оҳангро. Ин иҷозат аст. Зеро дар як суруд 5-6 навозанда лозим аст, ки харҷи калонро талаб мекунад. Бе таҳлил ҳарф задан лозим нест.

**- Тӯйгардӣ барои сифати ҳунари сароянда хуб аст ё не?**

- Тӯй сарояндаро суфта мекунад. Варзишгар аз ин мусобиқа ба ин мусобиқа нигоҳ карда намешинад-ку! Пайваста тамрин мекунад. Тӯй ҳам майдони тамрини ҳунарманд аст. На ҳар сароянда 3 соат мардумро ба шӯр оварда, хурсанд карда, рақсонида метавонад. Бисёр сарояндаҳое, ки тӯйгардиро танқид мекунанд, ба тӯйҳо даъват намешаванд, талабот ба онҳо кам аст.

### АЗОБҲОИ ПАСИ ПАРДА

**- Умуман, барои зан санъаткор будан душвор аст?**

- Хеле душвор. Шоиста Муллоҷонова нақл мекарданд, ки як сафари ҳунарии ансамбли рубобчизанҳо 6,5 моҳ тӯл кашидааст. Шумо тасаввур карда метавонед, ки зан 6,5 моҳ аз оилаву фарзандон дур бошад? Барои ин асаби оҳанӣ лозим. Мо вақте сафарҳои ҳунарӣ мерафтем, фарзандонамро бо модарам ё хоҳаронам мегузоштам. Телефон дар ҳар хона набуд. Тасаввур мекунед, соати 11-12-и шаб ба рӯям чарм кашида, аз почта ба хонаи ҳамсояҳо занг мезадам, то ки аҳволи кӯдаконро пурсам. Илова бар ин, мушкилиҳои дигаре ҳаст. Умуман, азобҳои паси пардаи ҳунар хеле зиёд аст.

**- Чӣ тавр метавон ҳам ҳунарманди муваффақ ва ҳам ҳамсару модари муваффақ шуд?**

- Бояд ҳамсарат ҳамкасбат бошад. Пастиву баландии саҳнаро фақат ҳамкасбат мефаҳмад. Ҳамсари ман дойранавоз, яъне ҳунарманд ҳастанд. Бинобар ин, маро дарк мекунанд. Дар оила боварӣ набошад, он муваффақ намешавад. Масалан, Лола Азизозова. Шавҳарашон журналист, вале журналисте, ки дар деги санъат ҷӯшидаанд. Бинобар ин, оилаи ободе доранд. Барои мисол, як маъракa меравед, то соати 10-11-и шаб давом мекунад. Агар маъракa дар ноҳия бошад, шабона намеоед. Инро ҳар мард таҳаммул карда наметавонад.



*Видеои суҳбати мазкурро дар ютюбканали pressa.tj тамошо кунед*

**- Фарзанди ҳунарманд бо речае, ки ӯ дорад, чӣ гуна тарбия меёбад?**

- Албатта, ин ҳам душвор аст, вале бояд кӯшиш намуд. Тарбияи фарзанд барои ман ҳеҷ гоҳ дар навбати дуюм набуд. Ҳамеша аз думболашон будам. Назорат мекардам. Дигар ин ки, модарам муаллима буданд ва дар тарбияи фарзандони ман саҳм гузоштанд. Шукр, фарзандонам тарбияи хуб гирифтанд.

**- Ягон нафарашон роҳи шуморо давом доданд?**

- Не. Се писар дорам. Яке иқтисодчӣ, дигаре машғули тиҷорат ва сеюмӣ мутахассиси забони англисӣ аст.

### ДАРҲОИ БАСТА

**- Мехоҳем бо шумо дар бораи синни нафақаи ҳунарманд суҳбат кунем. Ҳунармандон пас аз чанд сол ба нафақа мебароянд?**

- Овозхон дар 25 сол, раққоса дар 18-20 сол, навозандаҳо ҳам то 25 сол.

**- Магар барвақт нест?**

- Ин мавзӯи бисёр дардманд аст. Аввал, шукрона, ки ба синни нафақа мерасонад. Вале ба ҳунарманди асил вақт мондан лозим не. Бо гузашти синну сол ҳунарманд сайқал меёбад. Он чизе, ки дар ҷавонӣ намефаҳмидед, баъдан мефаҳмед. Барои мисол, устод Ҷӯрабек Муродов 80-сола шуданд, ҳар сол сурудҳои нав тайёр карда, мисли ҳисобот шаби эҷодӣ баргузор мекунанд. Ҳатто онлайн консерт медиҳанд. 80-сола шуданд, вале шуурашон як қадам пеш аз ҷавонон аст. Барои ҳамин ин мард нобиға аст. Намунаи ибрат аст. Овозашон ҳанӯз ширадор, мардум дӯсташон медоранд... Магар дуруст аст, ки чунин ҳунармандонро ба нафақа гусел кунӣ? Албатта, саҳна ҷавонӣ ва зебоиро дӯст медорад. На ҳар ҳунарманд то синни нафақа машҳуру маъруф боқӣ мемонад. Бинобар ин, ҳунармандонро қадр кардан лозим, то он замоне, ки тамошобин барояш қарсак мезанад, ӯро ба нафақа гусел кардан, роҳҳоро ба рӯяш бастан аз рӯйи инсофу адолат нест.

**- Шумо дар тӯю маъракаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол ҳастед, сурудҳои нав ба нав сабт мекунед, вале аз саҳнаи калон дуред. Дар чорабиниҳои давлатӣ ҳам нестед. Сабаб чист?**

- Ин саволро бояд ба ман надиҳед, зеро ба он посух дода наметавонам. Ман ҳам дар нафақа ҳастам... Шояд вазнам зиёд, бо ҳамин сабаб маро даъват намекунанд, ё ба он хотир, ки ба касе маъқул нестам. Ҳозир ҳамин хел замон аст, ки ду-се кас тақдиратро ҳал мекунанд. Вале ман зиқ нестам. Аз корвон берун нарафтаам. Дар тӯю маърака ҳастам. Эҷод мекунам. Яъне дар қофилаи ҳамин корвон ҳастам ҳанӯз.

**- Дар телевизионҳо низ шуморо намебинем...**

- Маро аз соли 2016 ба инҷониб, то ҳоло дар ягон барнома даъват намекунанд. Ва агар нофаҳмида дар ягон чорабинӣ маро ногаҳон сабт карда монанд, қайчӣ мекунанд. Фақат "Сафина" гоҳ-гоҳ аз ман мусоҳиба мегирад. Вале суруди ман аз ягон шабака пахш намешавад.

**- Чаро?**

- Ба ин савол ҳам посух надорам...

### БА ХОТИРИ РӮЗГУЗАРОНӢ

**- Дар солҳои 90-ум ба тиҷорат машғул шудед? Чаро ин соҳаро давом надодед? Шояд имрӯз сарватманд мебудед...**

- Тиҷорати ман на ба хотири сарватҷамъкунӣ, балки барои рӯзгузаронӣ буд. Вақти ҷанги шаҳрвандӣ мардум хурсандӣ, маърака ва тӯю тамошо намекарданд. Зеро як хона пас аз азо буд. Мардум ғамдор буданд, ба дилашон хурсандӣ намеғунҷид. Ману шавҳарам, ки санъаткор ҳастем, тамоман бекор мондем. Бинобар ин, маҷбур шудем ба кори савдо гузарем. Шукр, ки оҳиста-оҳиста кишварамон тинҷ шуд ва ба санъат баргаштем.

**- То ҷое огоҳем, шумо дар кӯча савдо мекардед. Шумо - ҳунарманди машҳур, чӣ тавр инро ба худатон раво дидед?**

- Ман танҳо набудам. Он солҳо дар бозору кӯчаҳо профессорон ва одамони намоёнро зиёд дидан мумкин буд. Қариб ҳамаи мо чунин будем. Чӣ қадар актёрони машҳури мо дар қуттича сақич, қанд ё ҷорӯб мефурӯхтанд. Афсӯс, ки телефони мобилӣ набуд, то ин фоҷеаро барои таърих сабт кунем. Дигар роҳ набуд. Фарзандонро бояд таъмин мекардем. Шикамро фиреб карда намешавад...

### РОҲИ ДУШВОРИ ИЛМ

**- Шумо феълан номзади илм, муаллифи китобҳо ва мақолаҳои сершумор ҳастед. Чӣ зарурат пеш омад, ки ба ҷодаи илм равед?**

- Ман пештар мехостам, ки таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳам, вале дар даврони Шӯравӣ интихоб мемонданд: ё илм ё кор? Аслиддин Низомов дар даврони донишҷӯйӣ мегуфтанд, ки "назарияи мусиқиро нағз медонӣ, аспирант шав", вале ман сарояндагиро интихоб кардам. Вале чун Истиқлоли кишвар шароит фароҳам овард, ман ба кори илмӣ машғул шудам. Вақте Консерваторияи миллӣ таъсис ёфт, аксари муаллимони факултаи санъати сарояндагии Донишкадаи санъат ба он ҷо рафтанд. Бо пешниҳоди ректор Аслиддин Низомов ман ба шуъбаи сарояндагӣ ба сифати муаллими ҳамкор даъват шудам. Он замон роҳбари ансамбли "Чаман" будам. Вақте аспирантура кушода шуд, ман орзуямро амалӣ кардам. Он вақт қариб 50-сола будам. Бисёриҳо мегуфтанд, ки ба ту чӣ даркор, вале азми ман қатъӣ буд. Зеро дар донишкада ман ҳуқуқи лексия хондан ба донишҷӯро надоштам. "Рав, сурудата хон" мегуфтанд баъзеҳо. Бинобар ин, ба таҳқиқоти илмӣ пардохтам ва доир ба нақши занон дар рушди санъати тоҷик рисолаи илмӣ навиштам.

**- Бароятон нишастан дар китобхона, таълифи рисолаи номзадӣ ва дифои он душвор набуд?**

- Навиштан душвор набуд, вале пеш аз ҳимоя хеле азият кашидам. Зеро аҳли илм маро ҳамчун сароянда мешинохтанд, умуман тасаввур намекарданд, ки ман дониш дорам. Бинобар ин, назди ҳар яки онҳо бояд имтиҳон месупоридам ва исбот мекардам, ки рисоларо худам навиштаам. Ҳимоя ҳам осон набуд. Шӯрои ҳимояи маро академик Раҳим Масов роҳбарӣ мекарданд. Вақти ҳимояи ман толор пур шуд. Аз рӯйи меъёр 5-6 савол бояд диҳанд, вале маро саволборон мекарданд. Чунин муносибат Раҳим Масовро асабӣ кард. Он кас гуфтанд: "Успокойтесь коллеги. Она варилась в этом котле. Она сама история. Она народная артистка, значить профессор в своей сфере"...

Ҳамин тавр, барои дар байни олимон эътироф шудан, вақти зиёд сарф шуд. Соли 2015 ҳимоя кардам, вале як-ду соли охир қабул карданд, ки ман олим ҳастам. Ҳоло камакак нисбати ман меҳрубонтар ҳастанд.

**- Соли гузашта дар расонаҳо хабар нашр шуд, ки ВАК додани унвони дотсентиро ба шумо рад кардааст...**

- Бале. Айни замон ман ягона ҳунарманди номзади илм ҳастам. Барои дигар ҳунармандон аз рӯйи фаъолияти педагогӣ ва унвонашон мақоми дотсентӣ ва профессорӣ медиҳанд. Вақте маро ҳамчун ҳунарпеша пешниҳод карданд, ВАК гуфт, ки унвон дорад, ҳамчун олим пешниҳод кунед. Вақте пешниҳод кардем, боз ҷавоби рад омад, ки дастури таълимӣ надорад. Ҳоло дастури таълимӣ ҳам нашр кардам. Теъдоди китобу мақолаҳоям ҳам кам нест. Шояд акнун медиҳанд.

**- Рисолаи докторӣ ҳам менависед?**

- Намедонам. Вале агар умр имкон диҳад, аниқ китобу мақолаҳои зиёд ҳоҳам навишт. Зеро нақшаҳои зиёд дорам.

**Суҳбатнигор:
Одил НОЗИР**




# ВАРЗИШГАРИ БЕҲТАРИНИ СОЛ

**Ассотсиатсияи журналистони риштаи варзиши Тоҷикистон (АЖРВТ) даҳ варзишгари беҳтарини Тоҷикистонро дар соли 2022 муайян кард.**

Ба иттилои раиси АЖРВТ Нарзулло Латифов, бар асоси натиҷагирии назархоҳии хабарнигорони варзишӣ ба даҳгонаи беҳтаринҳои сол намояндагони се намуди олимпӣ – бокс, варзиши сабук ва ҷудо, инчунин бокси касбӣ дохил шуданд.

Дастовардҳои бузурги варзишии сол ба паҳлавони маъруфи 25-солаи тоҷик Темур Раҳимов марбут аст. Ӯ дар таърихи ҷудои тоҷик нахустин барандаи медали тиллои Grand Slam ва медали нуқраи Masters мебошад. Темур Раҳимов беҳтарин варзишгари сол эътироф гардид.

## ТЕМУР РАҲИМОВ (ҶУДО)



**Барандаи медали нуқраи чемпионати Осиё дар вазни +100 кг дар шаҳри Остона (Қазоқистон), медали тиллои Baku Grand Slam 2022 дар шаҳри Боку (Озарбойҷон), медали нуқраи Jerusalem Masters 2022 дар шаҳри Йерусалим (Исроил), медалҳои биринҷии Grand Slam 2022 дар шаҳрҳои Абузаби (Аморати Муттаҳидаи Араб), Телавив (Исроил) ва Анталия (Туркия), медали нуқраи чемпионати Аврупо дар шаҳри Гори (Гурҷистон) дар ҳайати дастаи “Red Star”-и Сербия.**

## ШОДМОН РИЗОЕВ (ҶУДО)



**Барандаи медали нуқраи чемпионати Осиё дар вазни то 81 кг дар шаҳри Остона (Қазоқистон), медали биринҷии Бозиҳои V ҳамбастагии исломӣ дар шаҳри Қуния (Туркия).**

## БАҲОДУР УСМОНОВ (БОКС)



**Барандаи медали биринҷии чемпионати Осиё дар вазни то 63,5 кг дар шаҳри Уммон (Урдун), медали тиллои мусобиқаи байналмилалии «Gee Bee Boxing Tournament-2022» дар шаҳри Ҳелсинки (Финляндия).**

## МУҲАММАД АБРОРИДДИНОВ (БОКС)



**Барандаи медали биринҷии чемпионати Осиё дар вазни +92 кг дар шаҳри Уммон (Урдун), медали нуқраи мусобиқаи байналмилалӣ дар шаҳри Алмаато (Қазоқистон).**

## СОМОН МАҲМАДБЕКОВ (ҶУДО)

**Барандаи медали биринҷии чемпионати Осиё дар вазни то 81 кг дар шаҳри Остона (Қазоқистон).**



## МИҶГОНА САМАДОВА (БОКС)

**Барандаи медали тиллои Ҷоми ҷаҳонӣ дар вазни то 57 кг дар шаҳри Белоярск (Русия).**



## КОМРОНШОҲ УСТОПИРИЁН (ҶУДО)

**Барандаи медали нуқраи Бозиҳои V ҳамбастагии исломӣ дар вазни то 90 кг дар шаҳри Қуния (Туркия) ва медали нуқраи Гран-при дар шаҳри Алмада (Португалия).**



## ЭМОМАЛӢ НУРАЛӢ (ҶУДО)



**Барандаи медали тиллои чемпионати ҷаҳон миёни ҷавонон дар вазни то 66 кг дар шаҳри Гуаякил (Эквадор).**

## ИЛДАР АҲМАДИЕВ (ВАРЗИШИ САБУК)



**Барандаи медали нуқраи Бозиҳои V ҳамбастагии исломӣ дар ҷаҳиш ба дарозӣ дар шаҳри Қуния (Туркия), медали тилло дар ҷаҳиш ба дарозӣ ва медали нуқра дар давидан ба масофаи 200 метр дар чемпионати Осиёи Марказӣ дар шаҳри Самарқанд (Ӯзбекистон), медали биринҷии мусобиқаи байналмилалӣ дар давидан ба масофаи 60 метр дар шаҳри Остона (Қазоқистон).**

## ШАВКАТҶОН РАҲИМОВ (БОКС)



**Қаҳрамони ҷаҳон дар вазни дуюми нимсабук дар шаҳри Абузаби (Аморати Муттаҳидаи Араб), ҷойи аввал дар радабандии IBF (Федератсияи байналмилалии бокс).**

# JSENG ВА ДАРСҲОИ ОНЛАЙНӢ

## Олимҷон ва Таҳмина чӣ гуна дар фазои маҷозӣ забон меомӯзонанд?



**Пешрафти илму техника имконияту шароитҳои хуберо ба вуҷуд меорад. Бо доштани саводи расонаӣ ва дуруст истифода бурдан аз шабакаҳои иҷтимоӣ метавон ҳам омӯхт ва ҳам машҳур шуд.**

Қаҳрамонони имрӯзаи мо оилаи ҷавон - Олимҷон ва Таҳмина мебошанд, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ забони англисӣ меомӯзонанд. Саҳифаи онҳо дар Instagram, ки “JSENG” ном дорад, беш аз 55 ҳазор обуначӣ дошта, бо наворҳои шавқовар ҳазорҳо нафарро ба худ ҷалб намудааст.

### АЗ ШАВҚИ НАВРАСӢ ТО ЗИДДИЯТИ ПАДАР

Олимҷон аз давраи мактабхонӣ ба омӯзиши забони англисӣ ҷиддан машғул мешавад. Сабабаш он буд, ки ӯ мехост ба сурудҳои репсарои амрикоие сарфаҳм равад, ки мухлиси ӯ буд ва ҳамеша сурудҳои ӯро такрор мекард. “Вақте ки бозиҳои компютерӣ мекардам, ҳама навиштаҷот бо забони англисӣ буданд. Мехостам донам, ки онҳо чӣ маъно доранд. Онҳоро аз худ мекардаму тарҷумаашро мекофтам”,- чунин нақл кард Олимҷон аз оғози забономӯзии худ.

Баръакси Олимҷон, ҳамсари ӯ Таҳмина мехост табиб шавад ва ба фанҳои химияву биология шавқи зиёд дошту дар баробари онҳо аз 14-солагӣ забони англисиро низ меомӯхт. Вале падараш розӣ нашуд, ки духтараш ба соҳаи тиб равад. Барои Таҳмина касбе, ки мебоист бо табибӣ иваз кунаду ояндаи хуберо дар он бинад, ин омӯзиши забонҳои хориҷӣ буд. Ӯ риштаи забоншинос ва тарҷумони забонҳои русӣ-англисии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русияро хатм кардааст. Олимҷон бошад, хатмкардаи риштаи забоншинос-тарҷумони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст.

### СПИКИНГ-КЛАБ Ё ШИНОСОИИ НАХУСТИН

Дар омӯзиши забони англисӣ яке аз роҳҳои беҳтар намудани нутқи забономӯз ин спикинг-клаб аст. Дар он ду нафар рӯ ба рӯ менишинанд ва бо забони англисӣ дар бораи худ маълумот медиҳанд. Олимҷон ва Таҳмина низ дар чунин як спикинг-клабе, ки Таҳмина дар Донишгоҳи славянӣ доир намуда буд, бо ҳам шинос шуданд. Ин шиносоӣ ба дӯстӣ табдил ёфту баъди чанде онҳо бо ҳам издивоҷ карданд.

### ДАР ҶУСТУҶӮИ КОР ВА НОМИ САҲИФА

Ин ҷуфт дар чанд маркази забономӯзӣ ҳамчун омӯзгори забони англисӣ кор мекарданд. Соли гузашта дар давраи пандемияи коронавирус кори онҳо қатъ шуд. “Дар давраи пандемияи коронавирус вақте ки фаъолиятҳо маҳдуд шуд, мо бекор мондем. Он замон, ки ҳамавақт бо забони англисӣ гап мезадем, фикри таъсиси саҳифаи махсуси омӯзишӣ ба сарамон омад. Аввал дар YouTube, баъдан дар Instagram низ саҳифаи худро кушодем ва онро JSENG ном гузоштем. Вақте тасмими таъсиси саҳифаи омӯзиширо гирифтем, фикр кардем, ки чӣ ном гузорем. Фикр кардаму гуфтам “биё аз аввали ҳарфи насаби худамон ягон номи ғайриоддӣ созем”. Баъдан бо ҳарфи “J” - Juraev насаби Олимҷон, “S” - Saidova - насаби ман ва “ENG” — English, яъне англисӣ ном сохтем ва ин ба Олимҷон низ писанд омад”,- нақл кард Таҳмина.

### ДАРСҲОИ МАҶОЗӢ

Чуноне ки қаҳрамонони мо нақл карданд, назар ба дарсҳои ҳузурӣ дарсҳои онлайнӣ осонтар аст. Таҳмина мегӯяд, ки “рӯ ба рӯ дарс додан мушкил аст. Бояд бо ҳар як хонанда мувофиқи психологияаш муомила кард. Дарсҳои онлайниро бошад, дар дилхоҳ вақт, дар хона нишаставу як қаҳва омода карда, навор гирифтаву танзим карда, пахш мекунем”. Олимҷон низ ба ин гуфтаҳо ҳамроҳ шуда, илова намуд: “Барои ҳузурӣ дарс гузаштан ҳар рӯз вақти муайян аз хоб хестан, роҳкиро кардан, ба ҷойи муайяншуда омадан, дер кардан, интизор шудан, дар гурухе, ки 10-12 нафар аст, дарс додан, боз баргаштан лозим аст, ки вақти зиёд дар роҳу интизор буданҳо сарф мегардад. Ҳамзамон, аз шакли онлайнӣ нафароне, ки дар Русия ё дигар давлатҳо ҳастанд, метавонанд истифода баранд”.

**PRESSA.TJ**

***Онҳое бештар забон меомӯзанд, ки орзӯи дар хориҷа кору фаъолият кардан доранд. Вале Олимҷону Таҳмина дар баробари он, ки панҷ забони хориҷиро медонанд, ба хориҷа рафтан намехоҳанд.***

“Корҳоро мо тақсим намудаем. Наворҳоро якҷоя мегирем, Олимҷон ҳар рӯз маводҳоро паҳн мекунад. Ман бошам, ба паёмакҳои алоҳида ҷавоб медиҳам”,- мегӯяд Таҳмина аз фаъолияти ҳаррӯзаи худ.

Олимҷон дар бораи он, ки чӣ гуна бо натиҷаи фаъолияти худ шинос мешаванд, чунин гуфт: “Барои он ки бо натиҷаи кори худ шинос шавем, баъд аз ҳар боби китобе, ки мо аз рӯяш дарсҳоро омода мекунем, саволнома омода карда, пешкаш мекунем. Ин фақат саволномаи грамматикӣ аст. Ба ғайр аз ин саволномаҳо спикинг ва аудиоӣ низ омода мекунем. Аз ин мо мефаҳмем, ки забономӯз то чӣ андоза донишҳои забонӣ дораду то чӣ андоза пешрафт кардааст”.

### ДАР ДУШАНБЕ ЛАЗЗАТ МЕБАРЕМ

Онҳое бештар забон меомӯзанд, ки орзӯи дар хориҷа кору фаъолият кардан доранд. Вале ин ҷуфт дар баробари он, ки панҷ забони хориҷиро медонанд, ба хориҷа рафтан намехоҳанд. Таҳмина мегӯяд, ки “барои мо ба хориҷа рафтан ягон мушкилӣ надорад. Вале айни замон аз будани худ дар Душанбе ҳаловати хуб дорем. Дар ҷомеа низ мешиносанд. Падару модар низ ҳаминҷоянд. Агар нияти ба хориҷа рафтан бошад...” ва ба суханони ӯ Олимҷон афзуд, ки “... агар нияти ба хориҷа рафтан бошад, танҳо барои такмили ихтисос ба ягон давлати Аврупо ва ё Амрико, ё барои саёҳат ба муддати муайяне. Вале муқимӣ шудан дар ягон кишвари дунёро намехоҳем, барои он ки донишу таҷрибаеро, ки омӯхтаем, мехоҳем барои Ватани худамон истифода барему дар ҳаминҷо монад”.

Олимҷон ва Таҳмина тибқи гранти EWB (English Without Borders) - “Англисӣ бидуни сарҳадҳо”-и Сафорати Амрико дар Тоҷикистон, ки барои блогерони забономӯз таъсис додаанд, наворҳои хурд-хурд омода мекунанду пешкаши забономӯзон мегардонанд.

### МАСЛИҲАТ БА ЗАБОНОМӮЗОН

Барои онҳое, ки мехоҳанд забони англисиро омӯзанд, қаҳрамонони мо маслиҳат медиҳанд, ки аввалан дар назди худ мақсад гузоранд.

“Ду калима аз ҷое омӯхтан, як китоб хондан, панҷ ибора омӯхтан натиҷа намедиҳад. Ҳозир барномаҳои омӯзишии хуб бисёранд. Аз рӯи ҳамон барномаҳо омӯхтан ба ҳадаф наздик месозад”,- мегӯяд Таҳмина.

“Онҳое, ки худомӯзишӣ кардан мехоҳанд, бояд аз рӯи барномаи муайян ва беҳтаҳир идома диҳанд, вале хубтар аст, ки ба ягон маркази омӯзишӣ раванд”,- афзуд Олимҷон.

Олимҷон ва Таҳмина нақша доранд, ки бо оғози соли нав рубрикаҳои махсус таъсис ва ба кори худ давом диҳанд.

Олимҷон ва Таҳмина 23 сол доранд. Чанде пеш соҳиби духтараке шуданд ва ӯро Танзила ном ниҳоданд. Олимҷон ва Таҳмина ба ғайр аз забони тоҷикӣ забонҳои русӣ, англисӣ, арабӣ, ӯзбекӣ ва ҷопониро низ медонанд ва мақсадашон боз ҳам босаводу забондон кардани мардуми тоҷик аст.

**Идибеки САИД**



*Видеои суҳбати мазкурро дар Ютуб-канали Pressa.tj тамошо кунед*

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## САЛОМАТӢ

► Бе ҷарроҳӣ холу озаххоро мегирем. Тел: 904-61-43-34.

## ХИЗМАТРАСОНӢ

► Устои касбӣ оид ба сохтани зинапоя, чӯбин ва бетонӣ, лоиҳаи смета ва монтаж (проект смета и монтаж), чанд намуд пешниҳод карда мешавад. Босифат ва сари вақт. Тел: 200-228-793.

## НИЁЗ ДОРЕМ

► Қабули доктор Тоҳирӣ дар шаҳри Душанбе. Тел: 92-786-80-27, 93-829-01-01.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аппарати касса ба номи соҳибкори инфиродӣ Шарипов Фаридун, РМА: 015832434, РЯМ: 0230085213, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ соли 2021 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақавӣ таҳти №05659, ки онро РМИ ВКД ҶТ 06.07 соли 2009 ба Одинаев Аскарали додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Гулпарвар, хонаи 699 ба номи Бабаева Манзура, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Гувоҳномаи шахсияти афсари ҶТ №005975, ки онро Вазорати мудофиа соли 2009 ба номи Давлатов Шопулод Саидшоевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии Мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №76, РЯМ: 0710002939, РМА: 070011791, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 18.04 соли 2010 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A02290413, ки онро ШВКД ноҳияи Сино соли 2018 ба Саломова Дилрабо Усмоновна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ, ки онро Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе соли 2019 ба Рустамов Алишер Абдулваҳобович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрести 1Ш-1298, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ 21.07 соли 2014 бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, хонаи 70, ҳуҷраи 105 ба Ҳаитова Манижа Муҳаммадовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ, ки онро Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа соли 2018 ба Бурҳонов Яҳёхуҷа Муҳаммадхуҷаевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрести 1Ш-259, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 16.02 соли 2015 ба Ҳикматуллоии Саъдулло, кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 14/10, ҳуҷраи 11 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Улчабаев Обидчон Олимчонович, РЯМ: 0730149512, РМА: 075122897, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 15.02 соли 2019 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳум бо серияи А 232707, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5 ба номи Ҳабибулло Нозирии ноҳияи Ленин (собиқ мактаби миёнаи №3-и ноҳияи Ленин) соли таҳсили 1993-1994 ба Мажидова Комилахон Қурбоновна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Мираҷанова Шоира Азаматовна, РЯМ: 0230086597, РМА: 037324776, ки Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ соли 2021 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳамидов Тоҳирҷон, РЯМ: 3330064971 бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Исмоилова Малика Бахромовна, РЯМ: 3330043237, РМА: 335333565 бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев 49, ҳуҷраи 90 ба номи Полищук Зинаида Васильевна бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дипломи Г №537676, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №55-и шаҳри Душанбе 2-юми июли соли 1990 ба Насимов Шерозиддин Ҳасанович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи гумшуда КТ "Шукрулло-17" РЯМ 2110005737 санаи судур 26.04.2017 беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Шаҳодатномаи кооперативи тиҷоратии "Б Умедҷон", РЯМ: 3310007819, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

**JOB VACANCIES**

UNDP
Empowered lives. Resilient nations.

UNDP is the United Nations' global development network, an organization advocating for change and connecting countries to knowledge, experience and resources to help people build a better life. We are on the ground in 177 countries, working with them on their own solutions to global and national development challenges. UNDP has been on the ground in Tajikistan since 1994. UNDP's programme in the country consequently represents a broad spectrum of activities, including Poverty reduction; Good governance; Crisis prevention; Energy and environment and Reducing burden of HIV/AIDS, Malaria and Tuberculosis

**UNDP TAJIKISTAN IS SEEKING TO RECRUIT:**

- Communication, Outreach and Gender Analyst (7437/NPSA-8)
- Capacity Development Analyst (7432/NPSA-8)
- Monitoring, Evaluation and Reporting Analyst (7427/NPSA-8)
- Technology and Digitization Analyst (7484/NPSA-8)
- Technology and Interoperability Analyst (7438/NPSA-8)
- Project Associate on Service Delivery (7505/NPSA-6)
- Project Associate on Technology and Digitization (7497/NPSA-6)
- Project Associate (7514/NPSA-6)
- Monitoring, Evaluation and Reporting Analyst (7436/NPSA-8)
- Project Associate (7534/NPSA-6)
- Project Adaptation Planning Officer (7580/NPSA-8)
- Policy and Legal Reforms Officer (7643/NPSA-8)

**Duty Station for all the positions: Dushanbe; Deadline for applications: 12 January**

For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website: **www.tj.undp.org > Operations>Job. Applications** without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment.
Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook:**http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554**

# Тақвими ТОҶИКИСТОН

**29-УМИ ДЕКАБР**

**ШАКАР БОБОМУРОДОВ** (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи филология.

**ЮСУФҶОН АҲМАДЗОДА** (1947), 75-солагии зодрӯзи адиб, тарҷумон, дорандаи ордени «Шараф».

**НАҶМИНИССО НАСРУЛЛОЕВА** (1927), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**МУНИРА НАВРӮЗБЕКОВА** (1967), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**30-ЮМИ ДЕКАБР**

**ИҚБОЛШОҲ ХУШВАХТОВ** (1932-2000), 90-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

**АБДУКАРИМ ХОЛИҚОВ** (1947-2001), 75-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

**АБДУЛЛО ИСМОИЛОВ** (1922), 100-солагии зодрӯзи собиқадори матбааи тоҷик, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**ПАРВИНА МЕЛИКОВА** (1972), 50-солагии зодрӯзи омӯзгор, вакили Маҷлиси намояндагони ҷумҳурӣ.

**31-УМИ ДЕКАБР**

**БАҲОР МУЛУК АСАДУЛЛОЗОД**А (1917-1986), 105-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Корманди хизматнишондодаи маданияти Тоҷикистон.

**МУҚИМ ҲАСАНОВ** (1922-2006), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**САИДҚУЛ САБЗАЕВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**1-УМИ ЯНВАР**

**АБДУЛАҲАД АБДУРАҲМОНОВ** (1943), 80-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**АШӮР АШӮРОВ** (1948-2009), 75-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**ЗИКРИЁ БОБОХОҶАЕВ** (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**РАҲИМҚУЛ БОБОЕВ** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**ЭНАҶОН БОЙМАТОВА** (1923-2009), 100-солагии зодрӯзи собиқадори меҳнат, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**ВОҲИД ИБРОҲИМОВ** (1933), 90-солагии зодрӯзи муаррих, арбоби матбуот.

**ГУЛЧЕҲРА СУЛАЙМОНӢ** (1928-2003), 95-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**ХУДОЙДОД ҲУСЕЙНОВ** (1923-1985), 100-солагии зодрӯзи забоншинос.

**ОДИНАҚУЛ ҶӮРАЕВ** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**ХАЙРУЛЛО ҶӮРАЕВ** (1958), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика.

**2-ЮМИ ЯНВАР**

**КОНСТАНТИН ГАВРИЛКИН** (1908-1989), 115-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

**МАРДОН ҚУРБОНАЛИЕВ** (1938-1997), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

**БАХТИЁР ҲАМДАМОВ** (1968), 55-солагии зодрӯзи журналист.

**НОЗИМШО ҲАСАНОВ** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи меъморӣ.

**НЕЪМАТҶОН ҶУМЪАЕВ** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

**СУЛТОН ЮСУФОВ** (1948), 75-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

**3-ЮМИ ЯНВАР**

**ХАЙРУЛЛО АБДУЛЛОЕВ** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**БАҲРОМ БЕРДИЕВ** (1933), 90-солагии зодрӯзи фолклоршинос.

**ТОШПӮЛОД ГУЛМУРОДОВ** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон.

**ШОҲРУХ ШОГУНБЕКОВ** (1958-2000), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**4-УМИ ЯНВАР**

**САИДАҲМАД АКРАМПУР** (1968), 55-солагии зодрӯзи журналист.

**АМОНУЛЛО ҒОИБОВ** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**ӮКТАМ МАНСУРОВ** (1933-1988), 90-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

**МАЪРУФ МАЪСУМОВ** (1933), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**МАҲМАДУЛЛО РАҶАБЗОДА** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**ЗАРИФА УМАРОВА** (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**МАННОНБЕК ЮСУФОВ** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

# Толеъномаи сол



## *Муш*

*(1912, 1924, 1936, 1948, 1960, 1972, 1984, 1996, 2008, 2020)*

*Аз касбу кор ва фаъолияти худ даромади хуб ба даст меоред. Нисбати саломатӣ бодиққат бошед, зеро аз serкорӣ бемор шуданатон имконпазир аст. Аз фарбеҳ шудан худдорӣ намоед. Дар муносибатҳои ошиқона ба шарте бурд мекунед, ки хислату рафтори худро тағйир дода тавонед.*



## *Паланг*

*(1914, 1926, 1938, 1950, 1962, 1974, 1986, 1998, 2010, 2022)*

*Ба назаратон чунин менамояд, ки касе дарду мушкили шуморо намефаҳмад. Бо вуҷуди он, ки дилатон кунҷи танҳоӣ мекашад, одамгурез нашавед. Нафароне, ки кӯшиши дар зинаҳои мансаб боло рафтанро доранд, кӯшиши зиёд ба харҷ доданашон лозим меояд.*



## *Наҳанг*

*(1916, 1928, 1940, 1952, 1964, 1976, 1988, 2000, 2012, 2024)*

*Шумо ба тоифаи нафароне дохил мешавед, ки дар лаҳзаҳои мушкилтарини зиндагӣ роҳи дурустро интихоб мекунанд. Дар соли нав ба садои қалби худ бештар гӯш андохтанатон лозим меояд. Хусусан ҳангоми бо нафаре шинос шудан, ҳангоми харид кардан ё рафъи мушкилоти душвори касбӣ ва рӯзгор ҳушёрӣ пеша намоед.*



## *Асп*

*(1918, 1930, 1942, 1954, 1966, 1978, 1990, 2002, 2014, 2026)*

*Дар соли нав бо нерӯи дучанд мушкилеро рафъ месозед, ки чанд муддат дар ҳалли он оҷизӣ мекашидед. Акнун имкониятҳои фарохтаре насиби шумо мегардад. Барор насиби нафароне мегардад, ки бештар дар ҳаракат ҳастанду аз пайи ризқу рӯзӣ медаванд. Мутаассифона, дар ҳаёти шахсӣ муваффақ шуда наметавонед.*



## *Ҳамдуна*

*(1920, 1932, 1944, 1956, 1968, 1980, 1992, 2004, 2016, 2028)*

*Барои шумо соли барору имкониятҳои судманд фаро мерасад. Ба макру ҳилла роҳ надиҳед, зеро харгӯш ин хислатро намеписандад. Ба касе ваъдаҳои осмонӣ надода, уҳдадориҳои худро иҷро намоед ва аз масъулият нагурезед, он гоҳ зиндагиятон хубу осоишта ҷараён мегирад. Дар фаслҳои тобистону тирамоҳ дар ҷодаи муҳаббат комёб мегардед.*



## *Саг*

*(1922, 1934, 1946, 1958, 1970, 1982, 1994, 2006, 2018, 2030)*

*Зодагони бурҷи сагро лозим аст, ки бо атрофиёни худ хушмуомила ва боодоб бошанд. Барои худ душман нахаред, вагарна дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ дучори мушкилот мегардед. Дар масъалаҳои пулӣ ба ақли солим такя намоед, ба макру ҳилла ва фиреб роҳ надиҳед. Дар соли нав хароҷоти калон имконпазир аст, пули худро беҳуда сарф накунед.*



## *Бақар*

*(1913, 1925, 1937, 1949, 1961, 1973, 1985, 1997, 2009, 2021)*

*Шуморо соли бобарор интизор аст. Пешниҳодҳои нави корӣ зиёд мешаванд. Нафарони муҷаррад низ аз яку якбора пайдо шудани чанд ошиқ дар ҳолати ногувор мемонанд. Муҳимаш ба эҳсосоти лаҳзаина дода нашавед. Соли харгӯш барои нафароне, ки дар соҳаи маориф кору фаъолият доранд, бобарор меояд.*



## *Харгӯш*

*(1915, 1927, 1939, 1951, 1963, 1975, 1987, 1999, 2011, 2023)*

*Ин сол соли шумост ва он бароятон нерӯву илҳоми тоза меорад. Танҳо бо шарофати меҳнати пайваста дар касбу кор муваффақ мегардед. Имкониятҳои худро дуруст истифода баред. Тиҷорат зиндагиятонро беҳтар месозад. Бонувон ба шарте дар ҷодаи муҳаббат хушбахтиро эҳсос мекунанд, ки тарки одатҳои бад намоянд.*



## *Мор*

*(1917, 1929, 1941, 1953, 1965, 1977, 1989, 2001, 2013, 2025)*

*Аксари зодагони мучали мор нафарони ҳасос ҳастанд. Аз ин рӯ, шуморо лозим аст, ки бештар бо нафарони зиндадил муошират намуда, худро дилтангу руҳафтода насозед. Ҳамзамон андешаҳои мағшушро аз сар дур созед. Дар соли харгӯш ба таваккал роҳ надода, вақти бештари худро ба омӯзиш сарф намоед. Дар ҷодаи муҳаббат шуморо барор интизор аст.*



## *Гӯсфанд*

*(1919, 1931, 1943, 1955, 1967, 1979, 1991, 2003, 2015, 2027)*

*Аз руҳафтодагиву маъюсӣ худдорӣ намоед. Нафароне, ки аз меҳнат кардан наметарсанд, соҳиби ному нон мегарданд. Дар ҷодаи муҳаббат низ фориғболӣ накунед. Беҳтар шудани вазъи саломатиро эҳсос мекунед. Моҷарову ҷанҷолҳоеро, ки ба сари шумову наздиконатон меоянд, ба дил наздик қабул накунед.*



## *Мурғ*

*(1921, 1933, 1945, 1957, 1969, 1981, 1993, 2005, 2017, 2029)*

*Тарсу ҳарос дар лаҳзаҳои номусоид сар зада, шуморо дар ҳоли ногувор мегузорад. Ҳар кореро, ки оғоз менамоед, ба анҷом расонед ва охири сол барои истироҳат вақт ёбед. Соли харгӯш бароятон имкони хуби пулкоркуниро фароҳам меорад. Кӯшиши тахти назорати худ гирифтани ҳама чизро накунед, вагарна муносибати худро бо атрофиён душвор месозед.*



## *Хубон*

*(1923, 1935, 1947, 1959, 1971, 1983, 1995, 2007, 2019, 2031)*

*Мустақил буданро омӯзед. Ба гапу пешгӯиҳои сафсаттаомез гӯш надиҳед. Агар бахшидану забон ёфтанро пеша кунед, аз бадбахтиҳо эмин мемонед. Барои ҷалби боигарӣ талош кунед. Ғалату хатоҳое, ки дар соли харгӯш ба онҳо роҳ медиҳед, бароятон гарон меафтанд, аз ин рӯ, ҳеҷ гоҳ бо шитобкорӣ ва дар сари эҳсос кореро анҷом надиҳед.*




### БЕМОРИҲОИ ХАТАРНОКИ СОЛИНАВӢ

Соли нав идест, ки хурду калон ба истиқболаш шодӣ мекунанд. Сари дастархони пурнозу неъмат худдорӣ кардан аз ғизоҳои болаззат амрест маҳол, хусусан барои нафароне, ки пайваста парҳезро риоя намуда, бемориҳои рӯда доранду ҷарроҳиеро аз сар гузаронидаанд.



Хатари аввал пурхӯрӣ аст, хусусан барои нафароне, ки бемориҳои музмин доранд. Тавре табибони терапевт ва ҷарроҳон қайд менамоянд, баъди ҷашнгирии идҳои солинавӣ шумораи нафарони гирифтори захми меъда ва бемории санги талхадон, инчунин нафароне, ки баъди парҳези дарозмуддат яку якбора хӯрокҳои равғанину серғизо истеъмол кардаанд, бештар ба қайд гирифта мешавад. Хатари дигар заҳролудшавӣ (отравление) аст, зеро аксаран дар шаби Соли нав хӯришҳои гуногун омода менамоянд, ки бо сабаби тару тоза набудани баъзе маҳсулот ва истифодаи майонезу моҳӣ хатар эҷод мекунанд. Диққати бештарро ба хӯришҳои бозорӣ ва мағозагӣ равона кардан лозим аст, зеро маълум нест, ки маҳсулоти номбаршуда чанд муддат дар рафҳои мағозаҳо нигоҳ дошта шудаанд.

### КАДОМ ХӮРОКРО БОЯД ХӮРД?

Беҳтараш хӯроки равғанину гӯштинро бо сабзавот истеъмол намоед. Баъди он ки хӯроки якуму дуюмро истеъмол мекунед, чой нанӯшед. Қоидаи тиллоиро фаромӯш насозед, бо вуҷуди бемор будан ё набуданатон чой, қаҳва ё компотро дарҳол баъди хӯрок нӯшидан лозим нест, балки 40 дақиқа тоқат намоед. Дарҳол баъди хӯрок нӯшидани қаҳва низ кори нодуруст аст. Бо риоя намудани қоидаи мазкур ҳам хушқаду қомат мемонед, ҳам хӯроки хӯрдаатон хубтар ҳазм мегардад. Агар диққат дода бошед, дар ошхонаҳои истироҳатгоҳҳо истаконҳои компот ё чойро мегузоранд, то ки мизоҷон аввал ташнагиро шикаста, баъдан хӯрок истеъмол намоянд. Дарҳол баъди хӯроки гарм ғизои сард хӯрдан мумкин нест, дар акси ҳол, кашиши рӯдаҳо ва ҳал нашудани хӯрок рух медиҳад.

### ҶИСМРО ТОЗА КУНЕД

Аз нӯшидани оби зиёди минералӣ ва дигар обҳои газноке, ки дар баробари пурхӯрӣ вазъиятро душвортар месозанд, худдорӣ намоед. Баъди ҷашни Соли нав ҷисмро тоза кунед: парҳез ё танҳо сабзавот истеъмол намоед, метавонед як шабонарӯз танҳо кефир истеъмол намуда, ҷисмро аз ифлосиҳо тоза кунед. Дар давоми 3-4 рӯз ҷисматон тозаву сатҳи холестерин паст мегардад. Субҳгоҳон як истакон оби ҷӯшидаву шарбати лиму ва як қошуқча асал нӯшида, ҳолати меъдаро ба эътидол меоред.

### МАШРУБОТ ВА ЗАҲРОЛУДШАВӢ АЗ ОН



Дар мадди аввал ба сифати нӯшокиҳое, ки истеъмол мекунед, диққат диҳед, зеро дар шаби Соли нав шумораи нафарони аз машрубот заҳролудшуда меафзояд. Беҳтараш нӯшокиҳои санҷидашударо аз мағозаҳои фирмавӣ харидорӣ намоед. Чун анъана дар шаби Соли нав шампон менӯшанд, вале агар дилатон намехоста бошад, барои нӯшиданаш худро маҷбур накунед. Муҳимаш, ҳар нӯшокиеро, ки интихоб мекунед, бо нӯшокии дигар омехта насозед.

Шампон нӯшокии сабук менамояд, вале аз он ба зудӣ маст шудан мумкин аст, бар замми ин, дарди сар пайдо мешавад ба меъда низ чандон фоида надорад. Хатои калон дар он аст, ки машрубот бо оби минералӣ нӯшида шавад. Беҳтар аст ба ҷои оби минералӣ оби муқарраририро истифода баред. Баъдан, фаромӯш насозед, ки аз меъёр зиёд нӯшидани машрубот ба ҷигар зарар дорад.

ҶУДО

# МЕДАЛИ НУҚРАИ ТЕМУР РАҲИМОВ АЗ ИЕРУСАЛИМ

**Паҳлавони маъруфи кишвар Темур Раҳимов дар мусобиқаи ситораҳои ҷудои ҷаҳон дар Иерусалими Исроил (Jerusalem Masters 2022) медали нуқра ба даст овард.**



Мусобиқаи ситораҳои ҷудои ҷаҳон аз 20 то 22-юми декабр бо иштироки 367 варзишгар (194 мард, 173 зан) аз 58 кишвар баргузор шуд. Тибқи низомнома ба мусобиқа варзишгароне, ки дар радабандии ҷаҳонии ҷудо дар вазни худ то ҷои 36-умро ишғол намудаанд, даъват шуда буданд.

Темур дар вазни +100 кг, ки дар радабандии ҷаҳонӣ дар ҷойи аввал аст, нерӯсанҷиро аз даври дуюм оғоз карда, бар Ричард Сипоз (Маҷористон), дар чорякфинал бар Ушангӣ Кокаурӣ (Озарбойҷон) пирӯз шуда, ба нимфинал баромад. Ҳарифаш дар нимфинал Алишер Юсупови ӯзбекистонӣ буд, ки ӯро низ шикаст дод. Сипас, Темур Раҳимов дар финал аз ҳарифи ҷопониаш Татсуру Саито мағлуб гардида, ҷойи дуюмро сазовор шуд. Медалҳои биринҷиро дар ин вазн Алишер Юсупов (Ӯзбекистон) ва Кокоро Кагеура (Ҷопон) ба даст оварданд.

Дар рӯзи охир, ҳамчунин Комроншоҳ Устопириён дар вазни -90 кг куштӣ гирифта, ҷойи ҳафтумро ишғол кард. Ҳарифаш дар даври аввал Лаша Бекаурии гурҷӣ буд, вале бо сабаби вазнаш дуруст наомадан, аз сабқат хориҷ карда шуд. Комроншоҳ сипас дар даври дуюм Эдуард Триппели олмониро мағлуб кард, аммо дар чорякфинал аз Саширо Мураои ҷопонӣ, ки медали тиллои ин вазнро сазовор шуд ва дар кувваозмоии тасаллобахш аз Давлат Бобонови ӯзбекистонӣ мағлуб гардид.

Эмомалии Нуралӣ дар вазни -66 кг рӯзи якуми мусобиқа дар аввалин нерӯсанҷӣ аз Реда Седоукии фаронсавӣ шикаст хӯрд.

Ҳамин тариқ, Темур Раҳимов аввалин варзишгари Тоҷикистон шуд, ки сазовори медали "World Judo Masters" гардид. Ба ӯ дар баробари медали нукра 4000 евро ҷоизапулӣ тақдим шуд.

НАВГОНӢ

## ДОВАРОНИ ТОҶИКИСТОН СИСТЕМАИ VAR МЕОМӮЗАНД

**Федератсияи байналмилалии футбол (FIFA) нахустин курси муқаддимавии таълимиро барои доварони Тоҷикистон баргузор кард, ки ҳадафаш ошноӣ бо шартҳои муқаддимавии кор бо системаи VAR мебошад.**

Дар давоми панҷ рӯз инструктори варзидаи ФИФА Фарход Абдуллоев аз Ӯзбекистон барои доварони Тоҷикистон дар бораи сохтори бунёдии системаи мазкур ва принсипҳои истифодаи наворҳои такрорӣ дар бозиҳо як силсила лексияҳои онлайнӣ хонд. Бо ин курс раванди омӯзиши пурраи доварони мо барои гирифтани иҷозатномаи VAR аз ФИФА оғоз шуд. Дар семинари онлайнӣ ду довар аз Қирғизистон - Вероника Бернатская ва Дайирбек Абдилдаев низ ширкат доранд.

Қобили зикр аст, ки аз соли оянда дар бозиҳои лигаи олии чемпионати Тоҷикистон системаи видеодовар (VAR) ҷорӣ карда мешавад. Дар ҳоли ҳозир департаменти доварон ва нозирони Федератсияи футболи Тоҷикистон барои татбиқи системаи VAR дар кишвар аз панҷ марҳила яктоашро гузаштааст. Ҳоло марҳалаи дигар - тартиби тайёр кардани доварҳо чараён дорад.

FIFA

## ТОҶИКИСТОН ДАР РАДАБАНДӢ 108-УМ ШУД

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон соли 2022-ро дар зинаи 108-уми радабандии FIFA ҷамъбаст кард.**

Федератсияи байналмилалии футбол (FIFA) 22-юми декабр радабандии охирини дастаҳои мунтахаби аъзояшро дар соли 2022 нашр кард.

Дар ин рейтинг тими миллии Тоҷикистон бо 1187,02 имтиёз дар ҷойи 108-ум қарор дорад. Дар байни намояндагони Конфедератсияи футболи Осиё (AFC) дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар зинаи 20-ум қарор дорад. Як сол пеш тими миллии Тоҷикистон дар ин рейтинг дар зинаи 116-ум ҷойгир буд.

Дар маҷмуъ, дар як соли охир тими миллии Тоҷикистон тахти роҳбарии мутахассиси хорватӣ Петр Сегрт 9 бозӣ гузаронида, 5 пирӯзӣ (Қирғизистон - 1:0, Мянмар - 4:0, Сингапур - 1:0, Тринидад ва Тобаго - 2:1, Малайзия - 0:0, пеналтӣ - 3:0) ва ду мусовӣ (Қирғизистон - 0:0, Русия - 0:0) карда, дар ду бозӣ бохтааст (Уганда - 1:1, пеналтӣ - 4:5, Сурия - 0:1).

Радабандии навбатии FIFA 6-уми апрели соли 2023 нашр мешавад.

ФУТБОЛ

## ҶАВОНОН ВА ОЛИМПИҲО БОЗИИ САНҶИШӢ БАРГУЗОР КАРДАНД

**Дастаи мунтахаби футболбозони ҷавонон ва дастаи олимпии Тоҷикистон ду бозии санҷишӣ баргузор карданд, ки дар яке ҷавонон пирӯз шуданд ва дар дигаре ҳисоб мусовӣ шуд.**

21-уми декабр дар шаҳри Душанбе бозии якуми санҷишӣ миёни дастаҳои мунтахаби ҷавонон (U-20) ва дастаи олимпии Тоҷикистон (U-23) баргузор шуд, ки бо натиҷаи 2:0 бар нафъи ҷавонон ба охир расид. Голҳоро Фатҳулло Олимзода (дақ. 11) ва Амадонӣ Камолов (дақ. 29 - аз пеналтӣ) заданд.

Ин дастаҳо 24-уми декабр такроран бозии санҷишӣ баргузор карданд. Ин дафъа рақобати санҷишӣ мусовӣ хотима ёфт - 1:1. Ҳисобро дар дақиқаи 36-ум Рустам Соиров, ҳамлагари тими олимпӣ боз кард. Дар нимаи дуюм нимҳимоятгари дастаи мунтахаби ҷавонон Абдулло Шарифов таносубро баркарор кард.

Дастаи ҷавононро мутахассиси белорус Олег Кубарев ва дастаи олимпиро мутахассиси маҳаллӣ Мубин Эргашев машқ медиҳанд.



## РЕЗААХБОР

Ҳамлагари дастаи мунтахаби олимпӣ ва тими миллии Тоҷикистон Рустам Соиров фаъолияти худро дар тими «Локомотив»-и Тошканд, ки аз мавсими нав дар Про-Лигаи Ӯзбекистон бозӣ мекунад, идома медиҳад. Рустам Соиров аз бошгоҳи «Левадия»-и Таллин ба дастаи «Локомотив» гузашт. Ӯ дар чемпионати Эстония ҳамагӣ панҷ бозӣ анҷом дод. Қаблан Соиров дар бошгоҳҳои «Локомотив-Помир» ва «Истиқлол»-и Душанбе ҳунарнамоӣ кардааст.

***

Бошгоҳи футболи «Истиклол»-и Душанбе ба Игор Черевченко шартнома пешниҳод кардааст. Шоядояндаи наздик музокироти ҷонибҳо идома ёбад, зеро Черевченко барои сармураббии яке аз дастаҳои футболи Осиёи Марказӣ шудан мухолиф нест. Ҳамзамон, ин мутахассиси тоҷикистонӣ пешниҳодҳои зиёде дарёфт кардааст. Маълум аст, ки Черевченко ин шартҳоро бо чанд дастаи дигар муҳокима мекунад, ки миёни онҳо дастаҳои ИДМ низ ҳастанд.

***

Формати эҳтимолии Ҷоми Ҷаҳонии соли 2026 маълум шуд. Дар ин бора La Gazzetta dello Sport хабар додааст. Дар Ҷоми Ҷаҳонии соли 2026 дар Амрико, Мексика ва Канада 48 мунтахаб ширкат мекунанд. Бозиҳо дар 16 шаҳр баргузор мешаванд. Мунтахабҳо ба 12 гурух 4-дастаӣ ҷудо шуда, 2 дастаи беҳтарин аз ҳар гуруҳ ва 8 дастаи беҳтарин, ки дар гуруҳҳо ҷойҳои 3-юмро гирифтаанд, ба даври 1/16 финал роҳ меёбанд. Ҳамин тавр, агар дар Ҷоми Ҷаҳонии соли 2022 дар Қатар 64 бозӣ доир гардида бошад, дар Ҷоми Ҷаҳони соли 2026 104 бозӣ дар умум баргузор мегардад.

***

Бозигари дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон ва бошгоҳи "Соро компания"-и шаҳри Душанбе Идрис Ёров ба ҳайати тими "Тюмен"-и Федератсияи Русия пайваст. Идрис давоми 6 моҳи оянда дар Суперлигаи Русия шарафи "Тюмен"-ро ҳимоя хоҳад кард. Идрис дар оғози мавсими нав ба Русия сафар мекунад. Ӯ фақат пас аз 24-уми январ, баъди кушода шудани равзанаи зимистонаи гузаришҳо дар Суперлигаи Русия метавонад дар ин даста ҳунарнамоӣ кунад.

# ШАКАРХАНД

## ТУҲФАИ СОЛИНАВӢ

Субҳи рӯзи 1-уми январ марде ба дӯсташ занг зада, мепурсад:

- Дӯстам, соли навро чӣ гуна пешвоз гирифтӣ?

Мард мегӯяд:

- Мисли туҳфаи солинавӣ...

Дӯсташ ҳайрон шуда, мепурсад:

- Чӣ хел мисли туҳфаи солинавӣ?

Мард мегӯяд:

- Тамоми шаб дар таги арча хоб будам.

## САРТАРОШ

Панҷ дақиқа пеш аз фарорасии соли нав марде ба сартарошхона меравад. Вақте сартарош ба рӯйи мард мағзоба мемолад, мард аз бӯйи машрубот дарк мекунад, ки сартарош базӯр дар пояш истодааст ва бо садои ларзон мегӯяд:

- Шумо маст ҳастед. Боз бо ҳамин теғ гулӯямро набуред...

Сартарош мегӯяд:

- Ту натарс... Фақат ба ман нишон деҳ, ки манаҳат дар куҷо аст, тамом.

## НАВБАТ

Баъди ҷашнгирии соли нав зан бо шавҳараш баҳс мекунанд, ки косаву табақро кӣ бояд шӯяд. Зан ба шавҳараш мегӯяд:

- Биё, минбаъд косаву табақро бо навбат мешӯем. Имсол навбати ту!

## ИНСОНИ ҲАЗОРСОЛАИ 3-ЮМ

Мард баъди шаби ҷашни соли нав бо рӯйи варам, чашмони сурх ва риши расида ба оина нигариста, мегӯяд:

- Ана ту чӣ гуна будаӣ, инсони ҳазорсолаи 3-юм.

## ОРЗУИ СОЛИНАВӢ

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Дар соли нав чӣ орзу кардӣ?

Шавҳар мегӯяд:

- Муваффақияти бештар.

Зан мегӯяд:

- Яъне, ту дар соли нав мехоҳӣ дар диван бо муваффақияти бештар ғел занӣ?

## МУҲЛАТ

Мард аз занаш мепурсад:

- Занак, дар соли нав ба ту чӣ туҳфа кунам?

Зан мегӯяд:

- Ой, мардакҷон, ман ҳоло намедонам...

Мард дарҳол мегӯяд:

- Майлаш, бароят як соли дигар муҳлат медиҳам, фикр кун.

## ҚАСАМ БА ҲАМСАР

Дар сари дастурхони солинавӣ марде аз ҳамқадаҳаш мепурсад:

-Чаро ту ҳар дафъае, ки арақро ба даҳон мебарӣ, чашмонатро сахт мепӯшӣ?

Мард дар посух мегӯяд:

-Ман ба занам ваъда додам, ки дар соли нав дигар ба арақ нигоҳ намекунам.

**Таҳияи Нодира РАҶАБОВА**







## ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

# ЯК МАОШИ ҲАДДИ АҚАЛ БА НИЁЗМАНДОН

**Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат эълон шуд, ки нафарони ниёзманд кумакпулӣ мегиранд. Мехостем фаҳмем, ки киҳо ин кумакпулиро дарёфт карда метавонанд?**

**Наҷмиддин Бобоев, нафақагир**

Ҳукумати Тоҷикистон феҳрасти афроди ниёзманди кишварро тасдиқ карда, барои пардохти кумакпулии якдафъаина ба онҳо дар ҳаҷми як маоши ҳадди ақал қарор кардааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо имзои қарори ҳукумат дар ин бора "Амонатбонк"-ро муваззаф кардаст, ки аз тариқи кортҳои бонкӣ маблағҳои мазкурро интиқол диҳад ва ба онҳое, ки корт надоранд, нақдинаро расонад.

Маврид ба зикр аст, ки феълан маоши ҳадди ақал дар Тоҷикистон 600 сомониро ташкил дода, интизор меравад, ҳамаи ниёзмандон то охири соли равон онро дастрас кунанд.

Ахиран президенти кишвар зимни ироаи Паём ба парлумон изҳор дошт, ки кумакпулӣ ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар дар ҳаҷми 600 сомонӣ дода мешавад, ки нахустин бор дар таърихи кишвар мебошад.

Дар феҳрасти онҳое, ки кумакпулиро дарёфт мекунанд, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ зикр мегарданд. Бо мақсади пардохти ин кумакпулӣ 285 млн сомонӣ равона мегардад.


# БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вақт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.




**Индекси обуна: 68854.**

**С/ҳ 20202972400015101000**
**ҳ/м 20402972316264**
**БИК 350101626**
**РМА 030000603**
**БДА ҶТ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.**

**Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.**

**Телефонҳо барои маълумот: 93-866-82-64, 918-66-82-64.**

# ТАҚВИМИ СОЛИ 2023 АЗ «ТОҶИКИСТОН»

## Январ

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | 31 | | | | | |

## Феврал

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | | | | | |

## Март

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | | |

## Апрел

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |

## Май

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | 31 | | | | |

## Июн

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | | |

## Июл

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | | | | | | |

## Август

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 |
| 28 | 29 | 30 | 31 | | | |

## Сентябр

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | |

## Октябр

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | 31 | | | | | |

## Ноябр

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | | | |

## Декабр

| Дш | Сш | Чш | Пш | Ҷм | Шб | Яш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 |


ОИЛА MEDIAHOLDING
ТОҶИКИСТОН
Рӯзномаи зиёд, «Тоҷикистон» ягона аст!
RG.tj
PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ARZON.TJ
Matador
РЕКЛАМНАЯ газета
АРГУМЕНТЫ И ФАКТЫ ТАДЖИКИСТАН